**МЕҲМОН БАХТӢ**

# БОЗТОБИ ОФТОБ

***(Нигоштаҳо, таронаҳо)***

СИ Файзибоев М.М.
“Меъроҷ”
Хуҷанд - 2018

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
Б-40

**Меҳмон Бахтӣ. Бозтоби офтоб.**
*(Нигоштаҳо, таронаҳо)*. – Хуҷанд,
СИ Файзибоев М.М. “Меъроҷ”, 2018, 368 саҳ.

Худ ба худ
Ман раҳгузарам, Худо, туро меҳмонам!
Кардӣ ҳамаи ҷаҳони худ мизбонам!
Зартоҷ зи хоки Тоҷикистон додӣ,
Шаҳгавҳар аз оби чашмаи Раштонам!

ISBN 978-99975-47-99-6

© Меҳмон Бахтӣ, 2018

# БОБИ I

**Гузориш ва андешаю мулоҳизаҳо
аз намунаҳои мақолаҳои чанде
аз адибони шинохта дар атрофи
манзума ва шеърҳои дирӯзи
овони ҷавонӣ ва ҳам имрӯзи
Меҳмон Бахтӣ**

***Устод Муъмин Қаноат***

Меҳмони азиз, Шумо дар пушти се наҳанги адабиёт, дар пушти се ҳунари бисёр ҳам мушкили бахши адабӣ фаъолияти эҷодӣ намудаед, ки он як ҷаҳони зебои пур аз меҳру муҳаббат ва сабзу хуррам, иборат аз шукуфаҳои тару тоза аст. Ин ҷаҳони зебо, ҷаҳони ҳунари Шумо, ҷаҳони ормонҳои Шумо ҳаст ва феълан дар се намуди ҳунари адабӣ ба пояҳои баланди заҳмати эҷодӣ, кашфиётҳои назаррасн бадеӣ расидаед. Агар дуруст андеша кунем, ҳам драмаҳо, ҳам қиссаи «Хубон» ва «Пирамард» ва ҳам дигар навиштаҳои Шумо дар наср шоирона ҳастанд. Ончуноне ки «Дод аз дасти ақл»-и адиби маъруфи рус Грибоедов шоирона, файласуфона ва ҳакимона аст. Ҷанбаи шоирии Шумо дар ҳама осори Шумо бисёр рӯшан аст.

Дар ин солҳои парешонӣ ва даргириҳои Тоҷикистон, Шумо фарзи Худо, дар комиссияи оштӣ, дар ҳайати ҳамин нузҳат будед ва дар қатори дигарон заҳмат кашидед, то ба рӯзи сулҳу ризоии комил бирасем.

Ба ин хотир, ман Шуморо дар ин рӯзи саид аз номи шӯрои Маркази Ҳаракати Ваҳдати Миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон табрик мекунам. Муборак шавад!

*(Гузориш дар рӯзи ҷашни 60-солагӣ, дар театри Опера ва балети ба номи С. Айнӣ)*

***Атахон Сайфуллоев***
***Аз китоби «Оинаи барқади сухан»***

…Шеъру суруд ва мусиқӣ як ҳиссаи муҳим ва ногусастании ҳаёти маънавии тоҷикон ба шумор меоянд. Аз ин лиҳоз бо шеър оғоз ёфтани эҷодиёти бисёр нависандагони тоҷик, аз он ҷумла Меҳмон Бахтӣ, воқеаи табиист.

…Меҳмон Бахтӣ шеъргӯиро аз давраи донишҷӯии худ сар карда буд. Менавишту ба касе нишон намедод. Дертар баъзе шеърҳои Меҳмон Бахтӣ ба сифати суруд дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ пайдо шуданд ва дар намоишномаҳои ӯ истифода гардиданд. Аввалин суруди ӯ «Хаёли ширин» (1965) дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп гардида буд ва аз ҷониби сарояндаи машҳур Шоиста Муллоҷонова дар радио ва телевизион сабт гардид. Аввалин суруди эстрадии тоҷик «Мавҷигул» низ аз ҷониби сарояндаи маҳбуби тоҷик Аҳмад Бобоқулов, оҳанги Дамир Дӯстмуҳаммадов, дар ҳамин солҳо вирди забонҳо гардид. Соли 1967 чор суруди Меҳмон Бахтӣ – «Наргис», «Мавҷигул», «Машъали

бахт» ва «Орзу» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1967, № 3) чоп шуданд. Оҳангсозон ба ашъори Меҳмон Бахтӣ оҳангҳои дилошӯб мебастанд, ҳофизон бо шавқи афзун месароиданд. Ба ҳамин тариқ, то ба нашри маҷмӯаи аввалини шеърҳояш Меҳмон Бахтӣ дар доираҳои адабу фарҳанг чун шоири суруднавис шинохта мешуд. Пас аз интишори маҷмӯаҳои «Пайғоми баҳор» ва «Хаёли ширин» чеҳраи Меҳмон Бахтӣ чун шоир дурахшонтар гардид. Шоири суруднавис аз аҳли адаб фарди ягонаест, ки ин жанр, ин навъи назмро пеша кардааст.

Мавзӯи сурудҳои Меҳмон Бахтӣ гуногун буда, ҳама аз воқеият ва муносибати мутақобилаи одамон гирифта шудаанд. Онҳо моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд, зеро аз ашъори гражданӣ ва лирикаи маҳрамона иборатанд…

…Меҳмон Бахтӣ образҳои тоза ва дилкаш мегӯяд, то ки эҳсоси ватанхоҳиашро гармтару нармтар баён намояд. Суханҳое, ки бинои шеъри ӯро бунёд мекунанд, ташбеҳу тавсиф, ташхис ва ғайра ба манзараҳои хоссаи Камароб мувофиқ меоянд:

*Домани пушта канори гарм аст,*
*Санги кӯҳ чун дили ошиқ нарм аст.*

*Сари кӯҳ шаршара мӯ мебофад,*
*Гӯиё духтари шӯхи Ғарм аст.*

Ватани азиз ва гӯшаю канори гуногуни он барои Меҳмон Бахтӣ чун хонаи худ маҳбуб ва муқаддас аст. Ӯ шаҳру навоҳии мухталифи Тоҷикистонро аз ҳамдигар каму зиёд намешуморад, балки ҳамаро бо чашми муҳаббат мебинад.

…Аз ашъори Меҳмон Бахтӣ бармеояд, ки шоир пайваста бо дарди халқу Ватан умр ба сар мебарад. Вай дар тарона, суруд, манзума ва ғазалҳои худ ба ҷуз меҳру муҳаббат ва ишқу ҷавонӣ, масъалаҳои иҷтимоиро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ашъори ӯ равону шево буда, латиф ва дилкашанд, мусиқавияти хосса доранд. Ин аст, ки онҳоро ҳофизони машҳури тоҷик месароянд ва дар байни халқ ҳам маҳбубият доранд…

### *Худоӣ Шариф*
### *«Фазилати нависандагӣ»*

…Шеърҳои Меҳмон Бахтӣ зиёд нестанд, вале аксари онҳо дар ғояти хушии табъ, болидагии завқ, эътидоли хоҳишу ҳоли хотир ва назокати воқеӣ гуфта шудаанд. Бинобар ин онҳо бори хоҳишҳо ва сӯзи дилро бисёр бо сабукию нармӣ мебардоранд ва ба манзили орзую хоҳишҳо мерасонанд. Аз ин рӯ шеърҳои Меҳмон Бахтӣ сухани завқу шавқанд ва бори маънавӣ дар онҳо ба хотири шавқу завқ фурӯ шинондаву такшони майли хотир шудааст. Шеърҳои «Ифтихори тоҷик», «Шиква», «Баҳория», «Абри гузар», «Мавҷигул», «Хаёли ширин», «Наргис», «Олиҳаи ноз» ва ғ. дар ҳақиқат ҳамин сифатҳоро доранд, онҳо имрӯз таронаҳои машҳуранд ва ба шунавандаю хонандаи тоҷик ошно мебошанд. Аксари ин таронаҳо дар зери таъсири оҳангу сухани халқии тоҷикӣ гуфта шудаанд. Аммо дар онҳо пайравӣ ё тақлиди ошкоро, ки нишонаи камҳунарию номустақилист, низ дида намешавад. Имрӯз шавқи беғашу беолоиши хоси як

шахси соҳибзавқу бомаърифат, камолоти вазъи воқеии баён, нотакрори вазъи ҳолати лирикӣ, лаҳзаҳои тасвир гувоҳи мустақилияти касбиро доштани шеъру таронаҳои Меҳмон Бахтӣ талқин менамоянд, ки ӯ бояд ин роҳи эҷодиро кам ё қатъ накунад. Аз баъзе панду мисраъҳои шеъри Меҳмон Бахтӣ бӯе аз шеъри классикии тоҷик ҳам ба машом мерасад. Масалан, дар ин банди шеъри «Шиква» парвози андеша ва таъбироти сухан ба завқи ирфонӣ қаробате дорад:

*Ҳама офоқ нигаҳдори ту бод,*
*Дили бедоғ вафодори ту бод.*
*Ба чунин фазлу ҷамолу дили пок,*
*Ҳама дар даҳр харидори ту бод…*

*(Ҳафтавори «Адабиёт ва санъат»,*
*5.04.1990)*

***Низом Қосим***
***Бозтоби пуртоб***
*(Меҳмон Бахтӣ. Бозтоби офтоб.*
*«Садои Шарқ», № 4,2007)*

…Агар дар чанд пораи қаблӣ шоир бо руҷӯъҳои ғанои симои маънавии қаҳрамони хешро ба қалам дода бошад, билохира бо маҳорате, ки хоси драмнависи саҳнаофару носири густурдабаён аст, ба тасвири муҳити зоҳириву ботинии Қуния ва ҳолати аҳли «хушсурати меҳмоннавози он», ки «ташнаи изҳори розу сӯзу соз»-анд, мепардозад ва оғози матлабу мактаби Мавлоноро хеле аёнӣ ва таъсирбахш рӯи коғаз меорад. Саҳнаи аз зарбаи чаккушу сабри сандон дар майдон ба ҳолати ваҷд омадани Мавлоно, «то гирди Мавло» «чун шогирди Мавло» расидани мардум ва дархурди ниёзҳои маънавии хеш ёфтани одамон таълимоти Мавлоноро воқеиву боварбахш тасвир шудааст, вале ин тасвири заминӣ бо рӯҳияи осмонии он шеъру он сухану он мактаб пайванди қавӣ дорад.

*Даври худ ӯ давр зад, даврон бишуд,*
*Пойкӯбон гашту дастафшон бишуд.*
*Пири пирон, марди мардон гӯиё,*
*Гирди гардун гашт гардон гӯиё…*
*Сӯи майдон рехт мардум аз шигифт,*
*Шавқу завқи ҳар яке боло гирифт…*
*Чарх зад ҳар кас ба чархи Мавлавӣ*
*Кард мардум рақси ӯро пайравӣ…*
*Маърифат аз Мавлавӣ дарёфтанд,*
*Дар сипеҳри меҳр меҳвар ёфтанд.*
*Одамӣ аз сури Мавло ҳур шуд,*
*Оламе бо шӯри Мавло ҷӯр шуд.*

Шоир бо вожаҳои дақиқу баёни аниқ саҳнаро воқеиву дилрас тасвир кардааст ва дар ин амал таносубҳои қавию қофияҳои устувор ҳампову дастгири ҳунари ӯянд. Таваҷҷуҳ кунед: таносубҳои давр задану даврон шудан, гирди гардун гардон гаштан, дар сипеҳри меҳр меҳвар ёфтан, аз сури Мавло ҳуру бо Шӯри Мавло ҷӯр шудан ва қофияҳои зебои хушово суханҳои оддии мисраъпуркун нестанд, балки бо маънoю паҳно, зарбу оҳанг ва эҳсосбарангезии хеш пораҳои манзумро ба шеъри равони дилрас мубаддал кардаанд…

***Ҳақназар Ғоиб***
***«Манзалати заминии дӯст ҳам аршист»***

…Ӯ ҳам шоири таронасаро асту ҳам драматурги тавоно ва ҳам нависандаи пуриқтидор. Асараш «Хубон» шӯре дар миёни суханшиносон ба амал овард, ки ин на ба ҳар нависандаи ҳамсоли ӯ дар он солҳо муяссар мегардид.

Вақте ки шоир ба насрнависӣ машғул мешавад, мо дар суханофаринии ӯ дарёфти беҳтарин дурри маънию маъниофарӣ, бозидории зебои сухан ва муъҷизаи баёнро ба мушоҳида мегирем. Ана Меҳмони азизи мо бо ҳамин ҳунари зебои шоириаш ба майдони наср ворид шуд…

*Рӯзномаи «Адабиёт ва санъат»*

### *Нодир Одил*
### *«Валаднома»-и сонӣ*

Камина, яъне сотири ин сатрҳо 50 сол боз ба омӯхтани ҳикмату ашъори Мавлоно ва он чӣ дар бораи Мавлонову маънавиёти ӯ навишта шудааст, машғулам. Вале манзумае, ки афкор, аъмол ва асолати шахсияти Мавлоноро воқеъбинона ва боварибахш ифодагар бошад, аввал «Валаднома»-и писари Мавлоно – Султон Валад ва сонӣ то ҷое манзумаи Меҳмон Бахтӣ «Бозтоби офтоб» мебошад.

Дар ин манзума симои маънавӣ, шахсияти Мавлоно бо обу ранги тозаи шоирона ва зебогии шоиста ва боистии Мавлоно баъди 800 сол ҷилвагар мегардад. Бинобар ин «Бозтоби офтоб» ном ниҳодани манзума ҳам ба мақсад мувофиқ омадааст.

Манзума бо оҳангу сози ангезандаи самъи ирфонӣ ибтидо ёфта, вазнаш оҳанге дорад, ки касро ба хироми самоъӣ водор мекунад. Ва он оҳангу байтҳо маврид ба маврид дар бобҳои гуногун такрор мешаванд.

Услубу усули баён, банду басти манзума ҷозиб ва хотирмон аст.

Дар мақтаи ҳар боб ин байт омадааст:

*Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,*
*Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум.*

Ин шакл ба мухаммас ё мусаддас ва амсоли ин навъу намудҳои жанрӣ хос аст. Вале дар айни ҳол баъди ба итмом расидани ҳар бобе, ки аз панҷоҳ ва ё зиёда мисраъ иборат аст, такрор шудани байти ҳадафхоҳона падидаи тозаеро мемонад. Ба назари ман, такроршавии ин байт ҳамчун мақтаъ дар бобҳои гуногун бисёр шинам ва ба маврид аст. Ин байт ба манзалату хирадмандии Мавлоно ишора карда, онро шоистаю бузург ва мутантан пеши назари хонанда меорад.

Дигар лаҳзае, ки Мавлоно ва маънавиёти ӯро дар байни ҷаҳониён мақбулу маҳбуб гардонидааст, инсондӯстии ӯст, ки ҳам дар назарияи сулҳи кулли ӯ ва ҳам дар амали ӯ ифода ёфтааст. Меҳмон Бахтӣ дар манзумаи худ ин ҷиҳати шахсияти Мавлоно ва руҳонияти ӯро тараннум карда, боз як бори дигар ҷаҳониёнро ба ин мунодии сулҳи кулл ва қандили зиёи асримиёнагии башарият рӯ ба рӯ месозад.

*Дар назди Худо халқи ҷаҳон ҳаст баробар,*
*Аз якраҳаи ирқу нажод аст бародар.*

Ин байт хулосаи ҳакимона ва иродаи шоиронаи ақидаи Мавлоност. Ва Мавлоно низ худ гуфтааст:

*Ҳар валиву ҳар набиро маслакест,*
*Лек то ҳақ мераванд, ҷумла якест.*

Дар пайравии ин ақидаи беназир, ки аз асолати афкори Мавлоно дарак медиҳад, Меҳмон Бахтӣ чунин овардааст:

*Тобути ту буд тори сари фавҷи халоиқ,*
*Дарёи дамон ҷӯш зад аз мавҷи халоиқ.*
*Тобути ту парвоз зи анбӯҳи башар дошт,*
*Шодии ту парвоз зи андӯҳи башар дошт.*
*Ҳар қавм ҳамегуфт, ки ӯ ҳазрати мо буд,*
*Дар маърифати ҷовиди ӯ ҳасрати мо буд.*
*Андешаи ҳамзистии аҳли башар дошт,*
*Ҳар дину ҳар ойин ба ҳади хеш бубардошт.*
*Дар номаи ҳастӣ суханаш монд нишона,*
*То мардуми дунё шавад оянда ягона.*

Ба ин маънӣ мисраъҳо дар манзумаи «Боз-тоби офтоб» як навъ тантанаи сулҳи кулли Мавлоно дар аввали асри XXI ва арафаи ҷашни 800-солагии ин орифи бузурганд. Руҳи Мавлоно ва маънавиёти ӯ дар руҳияи ворисони ӯ ҷовидонӣ боқӣ хоҳад монд.

*Ношир: Ройзании фарҳангии*
*Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон*
*дар Тоҷикистон. Душанбе, 2007*

## *Мирзо Шукурзода*
## *«Аламбардори ишқу андӯҳи ориёно»*

…Ба ақидаи банда ва дигар муҳаққиқони шеъри Меҳмон Бахтӣ ин ду омил, яъне ҳам осори ғаноиву ирфонии саромадони адабиёти тоҷикии форсӣ, ҳам табиати биҳиштосои кӯҳистон, ба фармуди Саъдии бузургвор, забони назми ӯро дар ҳадис овардааст. Омили саввум ва таҳрикгари аслии ҳар шоири воқеӣ, ки ба ин ҷаҳони пурсӯзу соз ворид мешавад, ишқ аст. Ва бо шаҳодати устод Меҳмон, ки худ дар чанд мусоҳибаи матбуотӣ иброз доштааст, тири ишқи дӯшизагони паричеҳри кӯҳистони Раштонзамин дар нахустин фасли гулшукуфти ҷавонӣ дар дили ӯ кора кард, ки мегӯяд:

*Гар назаре ба мо кунӣ,*
*Хандаи дилкушо кунӣ.*
*Дар дили беқарори ман*
*Олами ишқ ҷо кунӣ.*
*Умри ҳазор мебарам,*
*Кайфи баҳор мебарам…*

Ҳар ошиқпешае, ки боре ин таронаи М. Бахтиро, оҳанги Дамир Дӯстмуҳаммадов, аз забони ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Шоиста Муллоҷонова шунида бошад, ҳатман ҳамроҳ бо сарояндаи суруд мурғи табъаш ба замзама медарояд. «Наргис», оҳанги Хайрулло Абдуллоев, низ аз

таронаҳои дилошӯби Меҳмон аст, ки солҳои сол инҷониб аз забони шаҳдбори овозхони номии мо Нуқра Раҳматова пахш мешавад, аммо сомеон аз шуниданаш серӣ надоранд. Дар миёни аҳли ҳунар дилбохтагони сурудҳои ӯ фаровонанд ва ситорагони муҷаллои санъати тоҷик Аҳмад Бобоқулов, Шоиста Муллоҷонова, Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов ва шогирдони мумтози мактаби эҷодии ин устодон – Давлатманд Холов, Кароматулло Қурбон, Саидқул Билолов, Афзалшоҳи Шодӣ, Муродбек Насриддин, Нигина Амонқулова ошиқонаҳои Меҳмон Бахтиро бо маҳорати олӣ хондаанду мехонанд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳатто дар суруд ва таронаҳои ӯ рӯҳи миллӣ ва ишқи сӯзон ба Ватан чун дар дигаре аз таълифоташ мавҷ мезанад. Таваҷҷӯҳ мекунем ба чанд мисрае аз сӯгвории ӯ, ки дар фавти ду тан аз шаҳсутунҳои илму адаби тоҷик – устодон Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода суруда шудаанд:

*...Агарчӣ рӯзҳою фаслҳо бисёр меоянд,*
*Агарчи наслҳо дунболи ҳам такрор меоянд,*
*Агарчи шоиру олим ба ҳар даврею давроне*
*Ба фазлу донишу бо табъи оташбор меоянд,*
*...Вале ҷои шумо андар бинои ифтихори халқ*
*Ба мисли шаҳсутунҳо устувору ҷовидон монад.*
*Ҳама кори шумо, номи шумо дар дафтари таърих*

*Чу фарзанди сазовори замон монад…*

### *Муҳаммадалии Аҷамӣ*
### *«Ҳафт чарху як самоъ»*

…Тозатарин бардошт ва тафаккур, ки дар ин робита ба дасти хонандагони доно расида, навиштаи «Бозтоби офтоб»-и адиби хушзавқ Меҳмон Бахтист. Нашири китоб Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Ирон дар Тоҷикистон мебошад. Дар китоби худ Меҳмон Бахтӣ шеваи гузиниш, тафаккур, нигоҳ ва баёнро онгуна шакл бахшидааст, ки як шоири ҳунарманд дар кори худ онро ироа медиҳад. Шеърҳои дафтар рӯҳи сӯфиёна дошта, ду ҳадаф дар меҳвари он рух менамояд. Тамоми манзума дар фазои ҳамин ду ҳадаф бозтоб мешавад. Ва ин ҳадаф дар кори шоир иборат аз тафаккури иҷтимоӣ ва тафаккури сиёсист. Тафаккури иҷтимоӣ, яъне рӯ овардан ба маърифати исломӣ, ирфон, рӯҳоният ва зиндагии маънавии миллат. Тафаккури сиёсӣ, яъне рӯ овардан ба худогоҳӣ, худшиносӣ ва ормонҳои миллӣ – Меҳмон Бахтӣ дар ин ду хат ҳолати худогоҳӣ, худшиносӣ, бедорӣ, ҳолати рӯҳонӣ ва ирфонии миллатро тафаккур меку-

над, то рӯҳи миллатро дар воқеиятҳои воқеӣ нишон бидиҳад. Унвони китоб далел бар ин иддаъост, ки миллати тоҷик дар таърихи худ бузургони офтобитаборе дошта, ки машъали маърифатро ҳеҷ гоҳ аз даст наафкандааст. Ва имрӯз ин миллати наҷиб бозтоби ҳамон офтоб аст, офтоби ишқ ва бузургӣ. Аз ин лиҳоз Меҳмон Бахтӣ миллатро бар он ҳидоят мекунад, ки дар мақом, мαром, шукӯҳу шаҳомат бояд, ки офтобӣ бошад.

***Аҳлиддин Ҳисорӣ***
***«Андешаҳо дар атрофи сурудҳои устод Меҳмон Бахтӣ»***

…Аз дуриҳои дур, аз овони ҷавониҳо то ба ҳанӯз дар гӯши ёди мо суруди «Наргис»-и устод Меҳмон Бахтӣ, оҳанги бастакор Хайрулло Абдуллоев, бо овози ширину дилнавози Нуқра Раҳматова садо медиҳад:

*Як шаҳр ҳама ошиқу овораи Наргис,*
*Сад чашм фақат дар раҳи наззораи Наргис.*
*Оҳ, ин чи бало Наргис,*
*Шӯри дили мо Наргис…*

Вақте ки ин суруд аз тариқи радио садо медод, мо донишҷӯён низ онро замзама мекардем. Гумон мекунам, ки он вақт на фақат мо, балки тамоми шунавандаҳо бо сарояндаҳо ҳамовозӣ мекарданд. Имрӯз ҳам дар хотираву ёдҳо онро зери лаб месароем.

Дар воқеъ ҳам суруди зебо, навпардозона ва дилошӯбу диловез аст ин суруд. Инъикосгари шукӯҳу ҷавониву зебоӣ, баҳору шукуфоӣ аст

суруди «Наргис». Қаҳрамони суруди «Наргис» духтари отифа ва ҳамидаву дилбари тоҷик аст, бо ҳусну ҷамол ва камоли хислату хулқаш дили навҷавонони як шаҳрро тасхир кардааст:

*Аз меҳр шарар резӣ ба паймонаи ошиқ,*
*Обод шавад хонаи вайронаи ошиқ,*
*Зеби ҳама ҷо Наргис,*
*Тоҷи сари мо Наргис.*

Ин суруд он айём сабаби он шуд, ки бисёре аз занони тоҷик духтарони худро Наргис ном ниҳоданд. Суруду таронаҳои дигари устод низ то кунун чунин шуҳрату дилпазирӣ доранд…

### ***Муҳаммадризо Тоҷдинӣ***
### ***(адиби Эрон)***
### ***Нигоҳе ба китоби «Бозтоби офтоб»***

… Аммо авҷи маснавии Меҳмон Бахтӣ ба тасвир кашидани ташйиъи ҷанозаи Мавлоност, ки шоир бо зебойӣ ва устодии шоирона ва фасоҳату балоғате дархури ситойиш бо зебойии забонӣ ва баёнии худ хонандаро ба худ мебарад.

Дар воқеъ шарҳи беморӣ ва маргу тадфини Мавлавӣ аз ғамангезтарин намунаҳои назму наср дар адабиёти форсӣ аст ва маснавии устод Меҳмон Бахтӣ низ намойиши хоксории Мавлавӣ аст, ки шоир бо шӯри орифона ва самоъи сӯфиёна дар рӯҳу ҷон ва дар олами шефтагиву шайдойии шоиронааш воқеаи ҷонгудози реҳлати Мавлоноро ба тасвир кашидааст ва дар ин ҷо шоир дар бакоргирии вожагон ва чифту басти калимот бисёр муваффақ аст ва намойишворае мусиқойӣ ва ритмик тартиб дода ва мизони сенҳои (саҳнаҳо, намойишҳо) қавиеро офаридааст, ки вожагони бозигарони ин намойишвора сӯгиёнаанд ва ин эҳсос ба хонанда

даст медиҳад, ки шоир худ дар маросими тадфин ва ташйиъи Мавлоно ҳузуре фаъол дошт ва дар азои узмои ишқ ва парвози малакутии Мавлои Рум шоҳиду нозир ва гирён будааст:

*...Гӯянд, ки он рӯз само тиранамо буд,*
*Мардум ҳама осемасару бесарупо буд.*
*Мотамзада буд Қунияву мардуми зораш,*
*Мотамкада буд масҷиду майдону манораш...*

# СУРУДУ ТАРОНАҲО

## ТОҶИК

Озодаам, Озодаам,
Ҳам комилам, ҳам содаам.
Аз аслу насли Ориё,
Ман сад рақам шаҳзодаам.

Як қулла аз кӯҳи баланд,
Ҳам дилкушо, ҳам дилписанд.
Хезад шараф аз фитратам,
Ман раҳнамои ҳар раванд.

Ман дӯстдори ҷониям,
Гоҳ нарм, гаҳ туфониям.
Аз нармии ман лахт-лахт,
Шуд кишвари армониям.

Аз остони бостон,
Таърихи ман сад достон.
Умре ба ҳар қавми башар,
Орам паёми ростон.

Дар ҳар замон рахшандаям,
Дар асли худ бахшандаам.
Ҷовид аз ин рӯ дар ҷаҳон,
Ман зиндаям, пояндаам.

# ВАТАНДОР

## *Меҳрнома ба Пешвои миллат, муҳтарам*
## *Эмомалӣ Раҳмон*

Аё, эй аҳли дил, эй аҳли кишвар,
Аё, эй мардуми озодаминбар,
Сурудам ҳарфи шукру бениёзист,
Дурудам шеваест аз Ориёнфар.

Аё, қавми ҳунарманду пурармон,
Нишон аз бостон, то Оли Сомон.
Дар ин Ховарзамин хуршеди нав бош,
Дар ин асри навин бошавкату шон.

Аё, эй тоҷики ҳушёру бедор,
Биёяд шӯҳрати пешин ба такрор.
Туро рӯҳи бузургонат мададгор,
Ватандор, эй ватандор, эй ватандор!

Навиде омада аз Оли Сомон,
Тавон ёбад, сафо ин Тоҷикистон.
Муборак, шаҳриёр, ин ҳусни шоҳӣ,
Муборак субҳи ободӣ ба даврон!

Бозгӯи (нақарот)-и ин суруди машҳурро сарояндаи он устоди зиндаёд Зафар Нозим пешниҳод карда буданд ва ман ин бозгӯйро ҳамчун қисми бо ҳам созгор хуш пазируфтам:

*Эй кишвари ман,*
*Эй Сарвари ман,*
*Эй даври ман, даврони ман,*
*Эй бахти бепоёни ман.*

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Агар дилгармии поке
Ба обу оташу хоки Ватан дорӣ
Ва ё ҳусни расои дилбарӣ
Дар минбари ҳар анҷуман дорӣ;
Агар хоҳӣ, ҳамеша чун дарахтони баҳорон
Гулфишону гулбасар, гулгулшукуфо,
гулбадан бошӣ,
Агар хоҳӣ, ҳамеша сабзу хуррам
дар ҳавои софи фарвардин
Навои сабзи набзи зиндагӣ
Дар домани кӯҳу даман бошӣ;

Агар хоҳӣ, ҳамеша
Навдаи сабзидае аз пояи худ,
Аз буни пояндаҳои худ
Ба гардун сарбасар,
бо сарзаминат танбатан бошӣ;

Миёни решапайвандон,
Миёни ҳамдилону ҳамравонону ҷигарбандон,
Ҳамеша бо сари болои худ аз ҷавҳари воло,
Агар дар домани меҳан ва ё дур аз Ватан бошӣ;

Ҳазорон шеваи шевои ширинат,
Ба монанди ҳазорово
Ҳама зеру бами овои деринат
Забони модарӣ бошад,
Забони меҳрубони модарӣ бошад!

Шаҳодатномаи ному нишони мо,
Саодатномаи нурии Роҳи Каҳкашони мо,
Шаҳодатномаи таърихи
пур аз моҷарои хунфишони мо,
Саодатномаи поки сиришти мо,
Саодатномаи зарҳалнигори зарнавишти
сарнавишти мо,
Шаҳодатномаи буду набуди мо,
вуҷуди мо,
Шаҳодатномаи номоварии мо,
Ҳама сабтанд рангин дар забони модарии мо!

Агар хоҳӣ, ки асрори фалак
Ё ганҷи сармадро,
Ки дар гардуну ҳомун аст,
Ки андар рӯҳу дар кӯҳ аст,
Ки дар бод асту дар оташ,
Ки дар хок асту дар об аст,
Ҳар он чизе, ки мавҷуд аз вуҷуди
офтоби рӯшанибахш аст,

Ту огаҳ бошиву донӣ,
Варо бо чашми дил,
Бо меҳри меҳробии худ бишносиву хонӣ,
Ба ҷон савганд, к-ин ҳусну
таровишҳои хуррамро,
Ҳама неку бади ин кӯҳнаоламро,
Фақат бо шеваи шевои дерини забони модариат
Метавон гуфтан,
Равон гуфтан!

Бидонам ман, ки чӣ дирӯзу чӣ имрӯз
Забони рустани сабза,
Забони ширабандии ниҳолон равза дар равза,
Забони хандаи гул, забони ғунчаи хандон,
Забони боди атрогини гулгардон,
Ба сад нақшу ба сад рангаш,
Ба сад оҳангу фарҳангаш,
Ба файзи чор фасли хеш,
Ватан дар ҳафт иқлимаш ба бар дорад,
Чу тоҷи тоҷикии худ ба сар дорад.

Ҳама ин зиннати кайҳонии Меҳан,
Фурӯғи тинати яздонии Меҳан,
Ҳама ин ҷавҳари поки сухан
Ё ҳикмати волои илму фан,

Ҳама ин ганҷи ҷовидони ҳастӣ
дар туву дар ман
Забони модарӣ бошад,
Забони меҳрубони модарӣ бошад!

Шаҳодатномаи ҳастии мову қисмати мо ӯст,
Саодатномаи номусу нангу исмати мо ӯст,
Шаҳодатномаи таърихи таърихофарини мо,
Шаҳодатномаи болотарин, волотарин,
гӯётарини мо,
Ки он пайванди ҷонпайванди ҷовидона
то фардост,
Фарозо ҳамчу оҳанги «Фалак» аз кӯҳсорон,
Фароҳо ҳамчу савти «Шашмақом» аз рӯзгорон,
Забони модарии мост,
Забони бостонии ниёгон аст,
Забони ориёии аҳуроӣ,
Забони паҳлавии паҳлавонон аст,
Забони порсии порсоён аст,
Забони ноби тоҷикӣ,
Забони даркушои мо, дарии мост,
Забони модарии мост!

# ЭЙ ХУРОСОН
(*Суруд*)

Эй биҳишти гумшуда андар ғубори давру даврон,
Эй замини ёдҳои дури пур аз дарду армон
В-эй нуҳуфта ҳастии мо дар сукути ин биёбон!

Эй фурӯғи илму ирфон,
Эй назаргоҳи азизон!
Меҳани аз меҳр тобон,
Эй Хуросон! Эй Хуросон!

Эй китоби нотамоми сарнавишти шаҳриёрон,
Эй суруди носуруда дар гулӯи рӯзгорон,
Бар сари дор, эй ғурури бешикасти Сарбадорон!

Эй фурӯғи илму ирфон,
Эй назаргоҳи азизон!,
Меҳани аз меҳр тобон,
Эй Хуросон! Эй Хуросон!

Покбуми шоирону орифони ишқу имон,
Кишвари озодагони дар ҷаҳон ҳар сӯ парешон,
Эй нишони бозтобе аз Хуросон – Тоҷикистон!

Эй фурӯғи илму ирфон,
Эй назаргоҳи азизон!
Меҳани аз меҳр тобон,
Эй Хуросон! Эй Хуросон!

## ҒАЗАЛИ СУЛҲ

Ин ки мебинӣ, манам, як ғолиби майдони сулҳ,
Дар баҳои ҷони худ тоҷики саргардони сулҳ.
Субҳи содиқ медамад аз шонаи сабзи Ватан,
Дар фазои созгори чеҳраи хандони сулҳ.
Рӯзгорон бо фиребаш ҳушдоре медиҳад,
Осиёи рӯзии мо чархаи гардони сулҳ.
Дар сукути зулмати таърих будем, эй дареғ,
Бедаво, бемуттако дар сурати армони сулҳ.
Роҳи пирӯзии мо бо мушкилӣ тай мешавад,
Мебаранд охир ба манзил халқро мардони сулҳ.
Тоҷики озодадил, умедпарварро бубин!
Ҷонситону ҷонфишон бигрифта аз домони сулҳ.
Киштии мо аз дами тӯфони дунё меравад,
Дасту бозуи қавӣ бигрифта сарфармони сулҳ.
Пас аз ин андар дифои марзи покат, эй Ватан,
Мерасад аз Оли Сомон фавҷи фарзандони сулҳ.

*Теҳрон, майи соли 1997.*
*(пас аз ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва анҷоми гуфтушуниди тулонии тоҷикон, ки банда аз номи ҳайати ҳукумат намояндагӣ доштам, ин сатрҳо рӯйи коғаз омаданд.)*

## ҒАЗАЛИ ВАҲДАТ

Дӯстон, бо ҳам бисозед, ин замони ваҳдат аст,
Ҳамдилу ҳамдард будан ҷисму ҷони ваҳдат аст.
Он қадарҳо ваҳдати сарду забонӣ сохтем,
Он ҳама акнун дигар захре ба хони ваҳдат аст.
Мардуми Хатлону Раштонанд аз як хоки пок,
Ошноиҳояшон дар ошёни ваҳдат аст.
Дар Бадахшону Зарафшон, дар Хуҷанди бостон,
Худшиносиву худафрӯзӣ тавони ваҳдат аст.
Марзи Вахшону заминҳои барӯманди Ҳисор,
Хурраму сарсабз аз оби равони ваҳдат аст.
Мешавад Сурхобу Хингоб оқибат Вахши бузург,
Ин баҳамоӣ, нигар, рӯди дамони ваҳдат аст.
Дар ҷаҳон тоҷик афтодаст дур аз ҳамдигар,
Аз парешонии худ дар ормони ваҳдат аст.
Гар сари овози якро дигаре гирад ба меҳр,
Гардад овозе, ки ҷовидон равони ваҳдат аст.
Эй, ки месӯзӣ ба уммеди фурӯғи кишварат,
Дар забону дил яке будан нишони ваҳдат аст.
Хонаи тоҷик рӯшан чун дили тоҷик бод!
Тоҷикистон хонадони ҷовидони ваҳдат аст.

*июни соли 1997*

## БОЗ О, БОЗ О!

(*Ба ифтихори ҷашни 800-солагии*
*Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ*)

Боз о, боз о, азизи ворастаи мо,
Эй рӯҳи ба ҳар шикаст, нашкастаи мо!
Эй дур зи дидагону наздик ба дил,
Эй пири ба кирдигор пайвастаи мо!

Дар кишвари Туркия сафар мо дорем,
Аз Қуния дар дида гуҳар мо дорем.
Аз решаи Мавлавӣ ҳазорон шоха
Дар олами маънавӣ самар мо дорем.

Боз о, боз о чу навбаҳорон ба чаман,
Боз о, нигарони раҳи ту кӯҳу даман.
Тухми сухани ту аз замини дили мо
Рӯида ба сони лолаи ёди Ватан!

Боз о, боз о, хумори нашкастаи мо,
Эй меҳри ту як сипеҳри дилбастаи мо!
Мо ташнагадои сухани ноби туем,
Эй зӯру мадори ин дили хастаи мо!

Боз о, ки зи ҷӯши ту ҳама нӯши сухан,
Овози ту овезаи ҳар гӯши сухан.
Афсӯс, ки рафтаӣ ба гардун хомӯш,
Дар деги сухан ниҳода сарпӯши сухан.

Дар гунбади Қуния навои дили мост,
Ин маъбади Қуния зи обу гили мост.
Ин хок, ки Мавлавӣ дар он гом задаст,
Гарди қадами муборак аз манзили мост.

Боз о, ки сухан соҳиби мушфиқ хоҳад,
Як пора дили ҳамеша ошиқ хоҳад.
Боз о, Ватани муқаддаси шеъри дарӣ
Дар ёди ту машъали шақоиқ хоҳад.

## ДАРЕҒО...

*(Ба хотираи неки устод Мирзо Турсунзода
ва академик Бобоҷон Ғафуров)*

Ба вақти баҳси маҷлисҳо,
Миёни базму маҳфилҳо,
Ба вақти аз фурӯғи ақл сайқал додани дилҳо,
Ба вақти сӯхтан, афрӯхтанҳо дар раҳи мақсуд,
Паёми неки озодӣ ба халқи Осиё бурдан,
Ба вақти дӯстиро байрақи сулҳу сафо кардан,
Гиреҳи мушкили печидаи таърих во кардан,
Ба вақти розҳои дар лабон ногуфтаро гуфтан,
Сари тоҷикро аз фахр то авҷи само бурдан,
Дареғо, аз сари мо, аз бари мо бебадал рафтед,
Паи ҳам ду бародар ногаҳону бемаҳал рафтед.

Мабод он рӯз, агар як лаҳза бе ёди шумо бошам,
Зи ҳарфу панди ширини шумо вақте ҷудо бошам,
Мабод он рӯз, агар дар базму сайронгоҳи наврӯзӣ
Ва ё дар ҷашнҳои бошукӯҳу тӯи фарзандон,
Сухан бе зикри осори шумо бошад.
Ҳамеша ин дили дардошно ҷои шумо бошад.

Агарчи рӯзҳои фаслҳо бисёр меоянд,
Агарчи наслҳо дунболи ҳам такрор меоянд,
Агарчи шоиру олим ба ҳар даврею давроне,
Ба фазлу донишу бо табъи оташбор меоянд,
Агарчи баъд аз ин ҳам дар талоши бахти инсонӣ
Бани одам барои зиндагӣ ҳақдор меоянд,
Вале ҷои шумо андар бинои ифтихори халқ,
Ба мисли шаҳсутунҳо устувору ҷовидон монад.
Ҳама кори шумо, номи шумо дар дафтари таърих,
Сазовори замон монад!

## БОЛОСТ ҶОИ ЛОИҚ

Гуфтему боз гӯем ҳамду санои Лоиқ,
Дарди дили ниёгон - ҳарфу ҳиҷои Лоиқ.

Бонги дили бузургаш гулбонги як замон буд,
Аз ҳалқаи Хуросон ояд садои Лоиқ.

Аз сарнавишти миллат ӯ менавишт ҳикмат,
Ҳар ҷо ба ҳифзи тоҷик барҷо нидои Лоиқ.

Дар сина дошт дунё, дар дида дошт дарё,
Мавҷи дили Зарафшон буд ҳамнавои Лоиқ.

Аз байни обу оташ ишқи Ватан сароид,
Дасти дуои модар шуд раҳкушои Лоиқ.

Фарзанди Тоҷикистон, пайванди Тоҷикистон,
Волост эҳтиромаш, болост ҷои Лоиқ!

## КАМАРОБ

Ҳусни шодоби баҳорӣ, Камароб,
Бағали гарми нигорӣ, Камароб!
Маҳу хуршеди самои дараро
Рӯзу шаб оинадорӣ, Камароб!

Ҳар кӣ аз чашмаи ту нӯш кунад,
Сози дарёи равон гӯш кунад.
Ёди ширини ту монад дар дил,
Натавонад, ки фаромӯш кунад.

Домани пушта канори гарм аст,
Санги кӯҳ чун дили ошиқ нарм аст.
Сари кӯҳ шаршара мӯ мебофад,
Гӯиё духтари шӯхи Ғарм аст.

Сар-сари ёла сабо гардон аст,
Пуштаҳо тозарух аз борон аст.
Шафақи домани гулгунаи шом
Ба назар машъалаи тобон аст.

Ҳусни шодоби баҳорӣ, Камароб,
Бағали гарми нигорӣ, Камароб!
Маҳу хуршеди самои дараро
Рӯзу шаб оинадорӣ, Камароб!

## ДЕҲАИ МАН

Гаҳвораи кӯдакии ман деҳаи ман,
Ҳамвора навои деҳа дар шеваи ман.
Ҳар рӯзи Худо гирди сараш гардам агар,
Валоҳ, нашавад шикастарӯ ҳеваи[1] ман.

Дар домани деҳаям фурудгоҳи калон,
Сад боғи пур аз меваю дарёи равон.
Мо лоғару бефараю пиронасарем,
Ин деҳаи кӯҳнарози ман монда ҷавон.

Пистони бузурги деҳи мо Ҳавзи Мазор,
Шираш ба тани пиру ҷавон зуру мадор.
Дар ҷашни пуровозаи ҳангомаи Ғарм
Аз деҳа бурун мерафт сад марди савор.

Дар сояи шаш чанори он Ҳавзи Мазор,
Ҳар омадаро деҳа бигирад ба канор.
Гӯянд ҳазор сол ин Ҳавзи мазор
Об дода бузург дошта ин раста чанор.

Хушсурату хушлаҳҷа бувад мардуми Шул,
Паҳнои замину боғи ӯ то Сари Пул.
Мо бачаи ду деҳа ба вақти гӯштин,
Чун чуҷахурӯсакон шуда нӯли ба нӯл.

---

[1] Ҳева – армон, хумор, ҳавас, муҳаббат

Дар сурати навбаҳор ин деҳаи ман,
Дар домани ӯ ранги ба ранг боғу чаман.
Дар гардиши садсолаи асри бистум
Сад марди сара бидода ин хоки Ватан.

Шул домани поки кӯҳсорон дорад,
Пирони азизи рӯзгорон дорад.
Таърих ба пешонаи кӯҳи сангин
Дар дидаву дил Ҳавзи чанорон дорад.

## ЭЙ ҲАМНАФАСОН!

Эй ҳамнафасон, мужда, ки Наврӯзи баҳор аст,
Дар субҳи фазои Ватанам турна қатор аст.

Он мард, ки дилтанг буд аз хонаи тангаш,
Бар аспи саманди ҳавасаш боз савор аст.

Дорад нафаси гарм ҳаме обу гили сард,
Дар шираи гул чаҳ-чаҳи ширини ҳазор аст.

Ғофил машав аз ашки фиребандаи тундар,
Бархез, баҳор андаку фурсат ба шумор аст.

Бар омадани маҳваши гулбӯи баҳорон,
Чашми фалаки ғамзада ду дидаи чор аст.

Аз бонги саҳаргоҳии мурғони саҳархез
Мардум пайи рӯзӣ ба умед аз паи кор аст.

Дар дашту даман, шаҳру гузар, деҳи қаторак
Бо шеваи ҷӯ нағмасаро чангу дутор аст.

Файзе, ки зи ҳар ноҳия резад ба Душанбе,
Сарсабз аз он водии дилҷӯи Ҳисор аст.

Аз покии хокии гулафшонии Наврӯз
Он душмани порина бубин, хешу табор аст.

## МУРҒИ САҲАР

Дар гӯшаи боғ дар фиғон мурғи саҳар,
Чун ошиқи нокомшудае дар паси дар.
Ин нола яке дуои субҳонаи туст,
Моро бирасон, худо, ба Наврӯзи дигар!

Ин моҳи тамом шишта дар шонаи бом,
Ин ҳосили умри одамӣ бастаи хом.
Биншаста ғубори шаб ба мижгони саҳар,
Дар чеҳраи субҳ пардаи тираи шом.

Чашмак ба ситора мезанад шабнами гул,
Ин ҷӯи калон ҳамеравад қул-қули қул,
Аз ҷӯши наво гӯши фалак хастаю кар,
Бечора ба ҳоли зор монда булбул.

Дар киштаи мо нишаста як селаи зоғ,
Аз кишта ба кишта меравад то сари боғ.
Эй масти ҳавас, чӣ донӣ дарди дили мо,
Ман ошиқаму синаи ман мазраи доғ!

Аз шоха ба шоха мепарад мурғи саҳар,
Дар субҳи мурод ёри ман карда сафар.
Эй мурғи саҳар, нолаи ҳиҷрона макун,
Бозомади рафтаҳо намон зери хатар!

Эй мурғи саҳар, мурғи навои дили ман,
Бо файзи саҳар биё ба сарманзили ман!.
Бо шеваи ман нола бикун, нолаи зор,
Аз умри сафаркарда ҳамин ҳосили ман.

*соли 1989*

## МОҶАРОИ МОВУ МАН

Моҷаро дар асл аз «мову ман» аст,
Кори не шайтону не Аҳриман аст.

Аз муҳити аҳли дониш боз пурс,
Нафси бад шӯру шари ҷону тан аст.

Мо савоб аз фазли хӯрдан ҷустаем,
Зиндагии бенишон дар ин фан аст.

Аз чӣ даст андар гиребони худем?
Тоҷдорӣ не бад-ин раҳ будан аст.

Дарси бегонапарастиҳои мо
Аз мароми хеш берун рафтан аст.

Дониши тоҷик аз рӯзи азал
Довари ҳақгӯи ҳар анҷуман аст.

Файзи субҳи рӯзгорон то куҷост?
Ҳар куҷо, ки меҳру имони зан аст.

Як муроде аз раҳи армони мо
Дар рикоби марди майдон будан аст.

Ман яқин донам, дар ин ғурбатсаро
Маншаи ноаҳлӣ аз «мову ман» аст.

Чораи мо андарин вақту фазо,
Меҳр бар меҳри Ватан афзудан аст.

## ДУРУД БА ЭРОН

Аз азал то ба абад қисмати ман Эрон аст,
Ки нишонаш пари Симурғу дили шерон аст.

Ҳама гӯянд, ки Эрон чӣ бузург аст, бузург,
Ин бузургӣ сухан асту хиради пирон аст.

То кунун душмани афзуни ту аз кинаву рашк
Аз баландии мақоми ту басо ҳайрон аст.

Бахти бад бин, ки миёни туву мо қофилаҳост,
Тахти Сомону Қубод, оҳ, бубин вайрон аст.

Дӯстам, қиммати ҳамдастию ҳамбастӣ дон,
Ки ҳамин рӯзии мо гардиши ин даврон аст!

Раҳи меҳри ману ту, донам, аз имрӯзу пагоҳ
Аз Бухорову Душанбе ба дили Теҳрон аст.

*с.1989*

## САМАРҚАНД

Сӯйи ту хуршед тамошо равад,
Аз бари ин гунбази боло равад.
Қиссаю овозаи ин шаҳри ман
Аз паси хуршед ба ҳар ҷо равад.

Шаҳри Самарқанди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман,
Даври ту, даврони ту
Шӯҳрати ман, панди ман.

Пояи ин хона бақодор буд,
Нури хирад дидаи бедор буд.
Дасти ҳунар, акси дурахшони халқ,
Аз дили ҳар нақш падидор буд.

Шаҳри Самарқанди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман,
Даври ту, даврони ту
Шӯҳрати ман, панди ман.

*с. 1971*

## МАН ХУҶАНДАМ
(*Суруд*)

Ман Хуҷандам, ман Хуҷандам,
Шаҳриёрам, шаҳрвандам.
Бо Ватан дар соҳили Сир
Посдорам, қалъабандам!

Ман Хуҷандам, ман Хуҷандам,
Дилнавозам, дилписандам.
Бо ҳама фарзонагонам,
Бахтёрам, сарбаландам!

Ман Хуҷандам, ман Хуҷандам,
Як китоб андарзу пандам.
Дар ҳазорон соли таърих,
Чорасозам, ҳушмандам.

Ман Хуҷандам, ман Хуҷандам,
Номдорам, арҷмандам.
Пойдорам, сарбаландам!
Пойдорам, сарбаландам!

## КИШВАРИ ОЗОДАГОН

Мо тоҷики озодаи фарзонанишонем,
Бо меҳри Ватан омада бо ҳам шудагонем.
Дар решаи мо кина маҷӯ хасми балоҷӯй,
Мо чеҳраи хуршедии ин кавну маконем!

Ин хитта нишон аз ситаму биму бало буд,
Як олами ҷанг дидаи бе раҳми Худо буд.
То ин ки Вароруд шуда, ё кишвари Сомон,
Ҳар қавме парокандаю худмарзи ҷудо буд.

Аз решаи худ ёзида ин боғи дилоро,
Бо мардуми бедори чи дарвешу чи доро.
Афрӯхта аз нури хирад гавҳари тоҷик,
Дар Балху Хуҷанд, Рашту Хутал, Суғду Бухоро.

Медон, ки зи огоҳии мо пояи мо ҳаст,
Сад шукр, ки сармояи мо фазлу сафо ҳаст.
Дар домани худ чун садафе, гавҳари дардем,
Оғӯши Ватан, меҳри Ватан ширдаво ҳаст.

## ҶИЛВАИ БАҲОР

Он дам ки абри тор-тор аз қуллаҳои кӯҳ,
Ҳар ҷо фиканда сояю домон-ш баркашад,
Он дам ки сабзаю гияҳ андар канори раҳ
Ҳамчун паёми навбаҳор аз хок сар кашад,
Он дам ки дар сари адир аз шӯру шавқи дил
Гаҳ-гаҳ шубони ошиқе ной аз ҷигар кашад,
Он дам ки ёри саркашам бо ҷамъи духтарон
Пинҳон ба абрувони худ вусмои тар кашад,

Ман аз суруру изтироб обу адо шавам,
Сар то ба по таронаи ишқу вафо шавам.

Он дам ки аз нишонаи ишқи нахусти ёр
Як гул ба ҷои ваъдаи дидор мерасад,
Он дам ки мавҷи лолаҳо дар пуштаҳои дур,
Дар чашмҳо чу шӯълаи бисёр мерасад,
Он дам ки бар машоми ман бӯи фараҳфизо,
Аз чеҳраи кушодаи гулзор мерасад,
Он дам ки дар хамӯшии шабҳои навбаҳор
Оҳиста савти булбули бедор мерасад,

Ман аз суруру изтироб обу адо шавам,
Сар то ба по таронаи ишқу вафо шавам.

## ИФТИХОРИ ТОҶИК

Эй ҳофизон, сароед аз рӯзгори тоҷик,
Аз эътибори даврон, аз эътибори тоҷик!

Аз ганҷи меҳнати мо, аз файзи ҳиммати мо,
Халқи ҷаҳон бидонад авҷу барори тоҷик.

Ин даври комронӣ, ин рӯзи шодмонӣ,
Рамзи саодати мо, ҳусни баҳори тоҷик.

Сеҳри каломи Ҳофиз, ҳарфу навои Мавло,
Пок асту софу равшан чун чашмасори тоҷик.

Кохи бақои олам, ишқу вафои одам,
Бошад баланду маҳкам чун кӯҳсори тоҷик.

Гар мерасад ба гӯшат оҳанги ифтихоре,
Он ифтихор бошад аз ифтихори тоҷик.

## ШАРАФИ ХИДМАТ

Гармии ҳусни назар аз рухи хандони ман аст,
Акси ин субҳи сафо софии чашмони ман аст.

Сари ҳар нукта гаҳе арзи ватанхоҳии мост,
Сӯзи созандаи он дар дили ҷӯшони ман аст.

Он ки некӣ зи сари сидқ фақат пешаи ӯст,
Дон, ки ин марди шариф ҳамдилу ҳамҷони ман аст.

Дарси ҳамдастию ҳамбастӣ агар мехонӣ,
Ин тариқат, ки ту хоҳӣ, раҳи паймони ман аст.

Аз ҳаводорию аз зикри азизон ҳама дам
Оташе дар дилу дар дидаи рахшони ман аст.

Шукри ин маснади хуршед, ки номаш Ватан аст,
Шарафи хидмати он воҷиби виҷдони ман аст.

## БА ДЕҲҚОН

Бо ҳиммату бо неъмату саркор ту ҳастӣ,
Бар ваъдаи худ шахси вафодор ту ҳастӣ.
То ранҷи тую меҳнати ту бор наорад,
Ҳар шому саҳар дидаи бедор ту ҳастӣ.

Деҳқони фидокору шарафманду зафарманд,
Эй ҳусни замин, ақли расо, марди ҳунарманд!

Ин сарвату ин давлату ин шодӣ муборак,
Ин шӯҳрату ин меҳнату ободӣ муборак!
Имрӯз, ки дар дидаю дилҳо шудаӣ ҷо,
Ин ҳиммату ин неъмати озодӣ муборак!

Деҳқони фидокору шарафманду зафарманд,
Эй ҳусни замин, ақли расо, марди ҳунарманд!

## ҚАДАҲ
*(Суруд)*

Ҳамфикру бародаршуда ёрони қаринем,
Соҳибватан астем,
Чун ҷону тан астем.

Воқиф зи ҳама неку бади чархи баринем,
Ёрони куҳан мо,
Уммеди Ватан мо.

Бо роҳи шаҳидони Ватан, роҳи падарҳо,
Ҳушёру сазовору вафодор равонем.
Гулпарвару бунёдгари манзили уммед,
Фарзанди заминему парастори ҷаҳонем.

Аз рӯи замин кулфату ғам дур намоем,
Мо зиндагиро ҳамрадифи нур намоем.
Бо шавқу таманнои дилу қувваи бозу
Мо кишвари худ муқтадиру зӯр намоем.

Ҳамфикру бародаршуда, ёрони қаринем,
Соҳибватан астем,
Чун ҷону тан астем.

Воқиф зи ҳама неку бади чархи баринем,
Ҳамрози Ватан мо,
Дамсози Ватан мо.

## ПОСИ ХОТИР

Дил метапад, гум мезанад
Бо ёди мардони Ватан,
Ҳар дам ба хотир мерасад
Рози шаҳидони Ватан:

Ин турбати болои раҳ
Як қиссае мардона аст.
Ин ҳайкали паҳлӯи раҳ
Рамзи ватанхоҳона аст.

Ҳар гӯшаи ин мулки мо
Ҷавлонгаҳи уммед шуд,
Ин ҷо ҳар оташпорае
Аз зарраҳо хуршед шуд.

Эй бахтиёрони Ватан,
Онро нигаҳбонӣ кунед!
Дар хуфтагоҳи ҳар шаҳид,
Ёрон, гулафшонӣ кунед!

То ҳар куҷо гул бардамад,
Ранг орад аз меҳри шумо.
То гоҳ-гаҳ ёд оваред
Аз қаҳрамониҳои мо.

## ОЗОДАГОНИ РАШТ

Хуршед медурахшад аз осмони Раштон,
Уммед мешукуфад дар бустони Раштон.

Дар набзи водии нур Сурхоб мезанад ҷӯш,
Чун шавқ мекашад сар рангинкамони Раштон.

Хубони хубрӯяш пайванд мекунад боғ[1],
Бо шохаҳои ноби ҷӯи равони Раштон.

Аз киштаҳои сабзаш айём мекашад сар,
Гул мекунад муроди пиру ҷавони Раштон.

Худ сарзамини Раштон сарҷӯи сабзи файз аст,
Андар забони мардум тафсири хони Раштон.

Кочону Шулу Навдеҳ фирдавси бехазонанд,
Навдонаку Навобод озодагони Раштон.

Сад деҳи дигари ӯ саргӯшаи биҳишт аст,
Ё раб, мабод асло фасли хазони Раштон.

Бар хонадони раштӣ бебоктар қадам неҳ,
Боз аст равзани дил бар дӯстони Раштон!

Сабзу мунавварӣ ту, эй Ғарми бостонӣ,
Гулбоғи фазлу дониш ин хокдони Раштон!

---

[1] Хубон бонуест, ки дар ноҳияи Рашт аз роҳи пайванди намудҳо себи машҳури «Хубонӣ»-ро рӯёнда буд.

# ЁД БОД

«Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод!»[1]
Ёди он ёрони ёрон ёд бод!

Шармсорам дар қиёматгоҳи ишқ,
Ҳусни базми гулъизорон ёд бод!

Ошиқӣ аз гӯшаҳои хотирам,
Бомдоди он баҳорон ёд бод!

Лолу ҳайронам дар ин паҳнои шаб,
Изтироби интизорон ёд бод!

Дар фазои дилкушои навбаҳор,
Гардбези барфу борон ёд бод!

Меравам пирона сӯи майкада,
Ҷӯши айши майгусорон ёд бод!

Боди саргардони шаб дорад фиғон,
Нолаҳои дилфигорон, ёд бод.

Ҳасрато, танг омада майдони ман,
Ҷилвагоҳи он саворон ёд бод!

Дар маломатҳои ту дар мондаам,
Ғамзудоён, ғамгусорон ёд бод!

Пири доно ёди Меҳмон карду гуфт:
Ифтихоре аз ҳазорон, ёд бод!

---

[1] Мисраъ аз Ҳофизи Шерозӣ.

## ХУШНОЗИ САМАРҚАНД

Ин сӯзиши дилро ба ту гуфтан натавонам,
Ин бори гаронро ба ту бурдан натавонам.
Аз рӯи вафо шикваи дилро бинавиштам,
Ин арзаи дил бурда супурдан натавонам.

Эй шӯхи ҷафопешаю дилбози Самарқанд,
Афсунгару бозингару хушнози Самарқанд!

Ҷоно, чӣ шавад аз ғазабат паст фароӣ,
Бо чеҳраи гарму лаби пурханда бароӣ!
Ман ҳарфи навозиш ба қадамҳои ту резам,
Шояд ки ба ошиқии мо боз гароӣ.

Эй шӯхи ҷафопешаю дилбози Самарқанд,
Афсунгару бозингару хушнози Самарқанд!

Бар кӯи ҳавас рафтани мо роҳи дароз аст,
Ҳар ҷо, ки ту бошӣ, ҳама оғуштаи ноз аст.
Донам, ки чи имрӯзу чи фардои ғамолуд,
Ин қиссаи ишқи ману ту маҳрами роз аст.

Эй шӯхи ҷафопешаю дилбози Самарқанд,
Афсунгару бозингару хушнози Самарқанд!

## КӮЛОБ

Кӯлоб замини файзбори тоҷик,
Кӯлоб диёри нангу ори тоҷик.
Андар дилу домани фарохаш дидам,
Армони шукуфтаи баҳори тоҷик.

* * *

Кӯлоб нишемангаҳи пирони сухан,
Ҳам кони зарофати сухан, мулки куҳан.
Кӯлоб, ки зарномаи девон дорад,
Нозам ба сари зархати Кӯлоби Ватан.

* * *

Кӯлоб, ки худ гавҳари тобон дорад,
Дар ҳар гузараш чеҳраи хубон дорад.
Дар ҳифзи адолату бақои инсоф,
Ҳамвора хурӯши марди майдон дорад.

## АЗ ПАИ ДИЛ

Мечид ҳар қадамро он шӯх дона-дона,
Мерехт аз лабонаш ҳам шеър, ҳам тарона.
Бо сӯз хостам ман гӯям зи ишқи ӯ ҳарф,
Ях баст дар лабонам ҳам узр, ҳам баҳона.

Рафтам паи дили худ то кӯи ӯ дубора,
Мондам мисоли сурат дар банди як назора.
Аз дидаи хумораш, аз ҳусни беғубораш
Афсун шудам саропо, ёрон, дигар чӣ чора!

Нурона буд рӯяш, нурона буд кӯяш,
Биншаст дар димоғам бӯи гулоби мӯяш.
Дунболи худ маро ӯ чун соя мекашонад,
Дар кӯи ӯ равонам, умре дар орзуяш.

## ДАВРИ ЛАБОНИ НОЗУК

Даври лабони нозук бишкуфт хандаи ту,
Аз сеҳри чашми мастат дил гашт бандаи ту.

Акнун миёни хубон дар роҳи сидқу паймон
Моро раҳоие нест аз рашки гандаи ту.

Дар синаам зад оташ ишқат, дигар чӣ гӯям,
Дар оташи муҳаббат дил ҳаст зиндаи ту.

Чашми ту бурд дилро кӯи ба кӯ паи хеш,
Ман садқаи ду чашми аз раҳ занандаи ту.

Пинҳон зи чашми мардум
аз чашми ман хӯрад об
Оҳуи беқарори чашми рамандаи ту.

## ҶОНОНАИ МО

Озурда макун хотири ҷононаи моро,
Аз сояи вай равшанӣ ин хонаи моро.

Овозаю васфаш шуда пур дар гузари мо,
Оҳе нарасад хонуми якдонаи моро.

Беҳуда нашояд дигар афтидану сӯхтан,
Бар даври чароғон сафи парвонаи моро.

Ҳар кас зи гирифтории мо гар хабараш ҳаст,
Аз сидқ бидонад хати паймонаи моро.

Гар машқи ҳунар хоҳӣ ту, эй навсафари ишқ,
Бо худ бубар ин дафтари афсонаи моро!

## МЕҲМОНИ ТОҶИКОБОД

Ҳар гаҳ, ки мешавам ман меҳмони Тоҷикобод,
Аз пеш мебарояд мизбони Тоҷикобод.

Чун роҳи сабзу хуррам барчош медиҳад гул,
Чун боғ мекушояд сархони Тоҷикобод.

Раззоқтар надидам аз мардуми шарифаш,
Бомаззатар надидам аз нони Тоҷикобод.

Дарвозаҳои мардум бар рӯи дӯст бозанд,
Кас аз азал надидаст дарбони Тоҷикобод.

Ҳар фарди Тоҷикобод дар сидқ беназир аст,
З-ин рӯй бешуморанд ёрони Тоҷикобод.

Аз марзи Фатҳобод то остони Нӯшор
Сабзанд сафҳаҳои дастони Тоҷикобод.

Тоҷики Тоҷикобод саркору заршинос аст,
Бо зар навишта бодо девони Тоҷикобод!

* * *

Эй, ки огоҳӣ зи рафтору дили шайдои мо,
Ошиқӣ бошад дар ин дунё фақат пайдои мо.

Эй Худо, моро раҳо кун аз ғами рӯзи ҷазо,
К-аз савобу аз гунаҳ олуда шуд фардои мо!

Аз нишоту шӯри дил лофи муҳаббат мезанам,
Гармбозор аст ин сармояи савдои мо.

Аз худу бегона розам то ба кай пинҳон кунам?
Бас ситамҳо дидаам аз бонуи яктои мо.

Оламе дар олами авҷи ҳунар бикшодаам,
Коргардоне куҷо, созандае ҳампои мо.

Аз муҳити ошиқон шоҳаншаҳӣ моро насиб,
Кай дар ин тахти шаҳӣ бошад касе ҳамтои мо.

## ҲАЙФИ ОН ДИЛ

Ҳайфи он дил, ба ғами ишқ сазовор нашуд,
Марҳаме бар дили озурдаи бемор нашуд.

Дидаам, тоифае дидаи во дораду лек
Андар ин кашмакаши зиндагӣ бедор нашуд.

Мард не, он ки даме аз сари ору номус
Бар сари душмани дун ханҷари ҷаррор нашуд.

Ҳусн дар партави ҳар пираҳане ҷилва надод,
Ҳамчу шеъре, ки дар ин қофия подор нашуд.

Дили бечораву садпора дар ин раҳ кам нест,
Сабақи мактаби мо ибрати бисёр нашуд.

Он, ки мегуфт ба ёрон қадаҳ аз меҳру вафо,
Ҳарфи вай буд сухани май, ки вафодор нашуд.

Марги ҳар хурду бузург аст яке панди куҳан,
Тарки одат пас аз ин лаҳза ба зинҳор нашуд.

Аз муҳаббатгаҳи он равзаи дил Меҳмон гуфт:
Ошиқ аз ҳар гунаҳи ишқ гунаҳгор нашуд.

## ОҲИ ҶИГАРСӮЗ

Дар марги ҷавонмардон ман гиря кунам, эй дӯст,
Дар ҳалқаи ҳамдардон ман гиря кунам, эй дӯст!

Озурда дили модар, ғамхӯрда дили модар,
Бар модари пурармон ман гиря кунам, эй дӯст!

Дунёи парешон бин, беқадрии инсон бин,
Бар фоҷиаи инсон ман гиря кунам, эй дӯст!

Бо оҳи ҷигарсӯзе дар роҳи худафрӯзӣ,
Овораву саргардон ман гиря кунам, эй дӯст!

Дар гӯшаи танҳоӣ дорам ғами дунёе,
Чун чашмаи кӯҳистон ман гиря кунам, эй дӯст!

Бо тундии худ тундтар сангам бизанад бар сар,
Чун сарви таги борон ман гиря кунам, эй дӯст!

Дар зиндагии мушкил гар ғусса ба ҳар манзил
Ғолиб бишавад осон, ман гиря кунам, эй дӯст!

Аз кину ҳасад бадхоҳ тӯҳмат чу занад ногоҳ,
Озода шавад зиндон, ман гиря кунам, эй дӯст!

Дар дил аламе дорам, чашмони наме дорам,
Хомӯши пур аз афғон, ман гиря кунам, эй дӯст!

Дар сина табу тобам, ошуфта чу Сурхобам,
Бар кишвари бесомон ман гиря кунам, эй дӯст!

*соли 1994*

## МО ЗОДАИ НАВРӮЗЕМ
**(*Суруд*)**

Эй оби равон, сабзаи навхези баҳорӣ,
Эй булбули бар хандаи гул гашта хуморӣ,
Эй лолаи танҳо, ту магар ёд надорӣ!
Мо зодаи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем!

Эй кабки дарӣ, селаи мурғони хушоҳанг,
Эй абри баҳорон, ки гуҳар дошта дар чанг,
Эй чашма, бизан ҷӯш, баро аз дили ҳар санг!
Мо зодаи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем!

Эй моҳи шабафрӯз, фурӯғи маҳи найсон,
Эй нахли қадафрохта, эй боғи гулафшон,
Эй мурғи саҳархези ба ҳар ғунча ғазалхон!
Мо зодаи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем!

Эй ҷилваи гулҳои бари домани Варзоб,
Эй хандаи мастонаи дилдодаи бехоб,
Эй нағмаи ҷонпарвари дарёи чу симоб!
Мо зодаи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем!

*соли 1967*

# СЕБАКИ ХУШБӮЙ

Аз раҳи дур омадам,
Шоҳиди ман бешумор.
Бо дили пур омадам,
Лутфе намо, эй нигор!

Ин бувад эҳдо ба ту,
Аз мани шайдо ба ту.
Себаки дилҷӯи ман,
Себаки хушбӯи ман.

Рафта ба сад боғу роғ,
Хоҳиши дил кофтам.
Оқибате бо суроғ
Себаки сурх ёфтам.

Чора набошад дигар
Ошиқи овораро.
Бӯида бо худ бубар
Себаки дасти маро.

Ин бувад эҳдо ба ту,
Аз мани шайдо ба ту.
Себаки дилҷӯи ман,
Себаки хушбӯи ман.

## НУРОБОД

Обу нону хоки покаш файзи Нурободи ман,
Шаҳди ободӣ чашад ин мулки гавҳаршоди ман.

Шаб маҳу истора ҳамрозанд бо кӯҳу дара,
Кокулафшон мехиромад рӯ ба поён шаршара.
Чашми ишқолудаи Хуршед ҳар рӯзи худо,
Масту махмури тамошои ҳамин ҳусни сара.

Шаҳчинорат як нишон аз решаи садсолаҳост,
Қиссагӯи бостон, пири ба по барҷои мост.
Муҷихарфат бо Ҳакимӣ ҳолдонанду бузург,
Дараҳои пургиёҳу обшору пурсафост.

Розҳо дар сина дорад қалъаи Дарбанди ту,
Бо шукӯҳи водии Раштон сахт пайванди ту.
Баҳри номусу шараф, фарзонагӣ, созандагӣ,
Дар барат бо ифтихор истода ҳар фарзанди ту.

Обу нону хоки покаш файзи Нурободи ман,
Шаҳди ободӣ чашад ин мулки гавҳаршоди ман.

## ЭЙ АСПИ БОДПО
***(Армуғон ба мадди ва саховатманди аспапараст Алимардон Муродалӣ)***

Эй аспи хушхироми ман, эй аспи бодпо,
Эй аспи масти роми ман, эй ёри бовафо!

Фараспи болдори ман аз бостони дур,
Эй қаҳрамони қиссаам аз достони нур!

Дар арсаи набарди ҷаҳонии бардавом,
Устураи хамосавии ҳифзи нангу ном!

Аҳли башар ба зини ту дунёшинос шуд,
Аз посдории ту ҷаҳон босипос шуд.

Зини ту тахту минбари шоҳон ҳамеша буд,
Ҷавлонгаҳи шуҷоати мардон ҳамеша буд.

Дилдодагон ба даргаҳи уммед бурдаӣ,
Дар оғӯши саодату шодӣ супурдаӣ.

Кишваркушо савори ту лашкар кашидааст,
Аз шиҳаат зафар ба ҳаво пар кашдааст…

Эй аспи масти роми ман, аз рӯзии ҷаҳон,
Ёли ту бод парчами фирӯзии ҷаҳон!

## СУРУДИ ПАРАСТУВОРА

*(Гимни фестивали Парасту)*

Бингар, чӣ фароз омада парвози Парасту,
Олам ба ниёз омада аз сози Парасту.
Эй аҳли ҳунар, давраи ёрастании туст,
Донам, ки ту сарманшаи оғози Парасту!

Олам ҳама афсонаю саҳна ҳама роз аст,
Андешаи мо марҳалаи дуру дароз аст.
Сӯзему бисозем ба уммеду ҳавасҳо,
Аз пардадарӣ, пардакашӣ ҷон ба гудоз аст.

Дунёи дили мову ту Наврӯзи баҳор аст,
Гаҳ хомию гаҳ пухтагарӣ саҳнаи кор аст.
Моил ба навозиш дили ҳасраткадаи мост,
Дар боби ҳунар, марди ҳунар ҳам ба шумор аст.

Бингар, чӣ фароз омада парвози Парасту,
Олам ба ниёз омада аз сози Парасту.
Эй аҳли ҳунар, давраи ёрастании туст,
Донам, ки ту сарманшаи оғози Парасту!

## КӮЗА БА ОБ МЕЗАД
*(Суруд)*

Аз пайраҳаи борики кӯҳпояи Кочон,
Омад ба лаби рӯди равон маҳваши тобон.
Чун бар лаби рӯд омаду бар об назар кард,
Ҳар мавҷ ба шӯр омаду ҳар қатра ба туғён.

Кӯза ба об мезад,
Бо изтироб мезад.
Дар рӯи об кокул
Сад печутоб мезад.

Гуфтам, ки равам, тоб диҳам кокули печон,
Бо бӯсаи гарм об диҳам зулфи парешон.
Кӯза ба сари даст зи ҷо ҷасту равон шуд,
Мондам ба лаби рӯди равон волаву ҳайрон.

Бо печутоб мерафт,
Кӯза пуроб мерафт.
Дар чанги зулфаконаш
Дил бошитоб мерафт.

*соли 1975*

## ОЛИҲАИ НОЗ
**(***Суруд***)**

Аз рӯи ту,
Аз мӯи ту,
Аз бозии
Абрӯи ту
Шӯре, ки барпо мешавад,
Дар дил чӣ савдо мешавад.
Ҳар раҳгузар дар ишқи ту
Раҳгиру раҳпо мешавад.
Аз кори ту,
Рафтори ту,
Аз шеваи
Гуфтори ту
Сад дард дармон мешавад,
Сад мушкил осон мешавад.
Дунёи бесомони дил
Умре ба сомон мешавад.
Аз нози ту,
Овози ту,
Аз ишваю
Пардози ту
Як шаҳр ҳайрон мешавад,
Побанди армон мешавад.
Аз кӯчае гар бигзарӣ,
Яксар гулафшон мешавад.

*соли 1978*

## ЧОНАМ, ВАТАНАМ
**(***Суруд***)**

Ҳар санг агар лаъл шавад, аз самари мост,
Ҳар зарра, ки хуршед шавад, аз асари мост.
Ҳар қуллаи фазле, ки аз ин марз саржафрохт,
Аз илму амал, чашми хирад, аз ҳунари мост.

Ҷонам, Ватанам, кишвари сарсабзи ҷаҳонӣ,
Бо Сарвари некахтари худ вирди забонӣ!

Сарманшаи мо мардуми соҳибдилу доро,
Ҳамрешаи Балхему Самарқанду Бухоро.
Аз силсилаи силсиладорони ҷаҳонем,
Дилдодаю ҳамбастаи фардои дилоро.

Ҷонам, Ватанам, кишвари сарсабзи ҷаҳонӣ,
Бо Сарвари некахтари худ вирди забонӣ!

Аз ҷавҳари аслему ҳама рӯ ба ниёем,
Бояд, ки ҳама дида ба дидор биёем.
Озодиву озодагии мост муқаддас,
Аз аҳли сухан, аҳли ҳунар, аҳли зиёем.

Ҷонам, Ватанам, кишвари сарсабзи ҷаҳонӣ,
Бо Сарвари некахтари худ вирди забонӣ!

## ДАР ЗЕРИ ДАРАХТИ СЕБ
**(***Суруд***)**

Дар зери дарахти себ,
Ду ошиқи қадрас буд.
Як қомати оламзеб,
Бо куртаи атлас буд.
Як тарфи гулистон буд,
Айёми баҳорон буд.

Маҳтоби дурахшонрӯ
Бо лутф назар мекард.
Себарга ба тарфи ҷӯ
Ҷавлони дигар мекард.
Як тарфи гулистон буд,
Айёми баҳорон буд.

Бо чаҳ-чаҳи хуш булбул,
Аз ишқ паём медод.
Ду навдаи ғарқи гул
Хам гашта салом медод.
Як тарфи гулистон буд,
Айёми баҳорон буд.

Он ҷуфт ҷудо гаштанд
То рӯзи дигар аз ҳам.
Паймони вафо бастанд,
Озоду хушу хуррам.
Як тарфи гулистон буд,
Айёми баҳорон буд.

Соли 1966

## ТӮЁНА
**(*Суруд*)**

Ҳама ҷону ҷонон дар ин хонадон,
Ҳама файзу эҳсон дар ин хонадон.
Ба табрики тӯйи шумо омадем,
Ҳама аз дилу ҷон бар ин хонадон.

Шумо, эй ҷавонони ошиқнавоз,
Саодат бубинеду умри дароз!

Ба лутфи сухан, соқии меҳрубон,
Ҷавонӣ бубахшо ба пиру ҷавон,
Ки нӯшему рақсему шодӣ кунем,
Ба хушбахтии аҳли ин хонадон.

Шумо, эй ҷавонони ошиқнавоз,
Саодат бубинеду умри дароз!

Набинад хазон рӯзгори шумо,
Гули орзӯи баҳори шумо.
Ба олам ҳамеша фурӯзон шавад
Чароғи дили нурбори шумо.

Шумо, эй ҷавонони ошиқнавоз,
Саодат бубинеду умри дароз!

*соли 1966*

## ТАРОНАИ НАВРӮЗ
**(*Суруд*)**

Омад баҳори нозанин саҳро саросар фавҷи гул,
Домони кӯҳу боғҳо шуд шӯълазори мавҷи гул,
Аз хок сар берун кашид ҳар як гияҳ бо ин калом:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

Пиру ҷавон имрӯзро сарфи назарбозӣ кунанд,
Гулдухтарони гулназар болида таннозӣ кунанд,
Ҳар кӣ ба ёди фасли гул хонад суруди бардавом:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

Дар шохсорон рӯзу шаб мурғони хушхон дар наво,
Булбул бихонад сози нав дар боғу дар гулзорҳо,
Аз чаҳ-чаҳи онҳо расад бар гӯш ҳар дам ин паём:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

*соли 1967*

## НАРГИС
**(*Суруд*)**

Як шаҳр ҳама ошиқу овораи Наргис,
Сад чашм фақат дар раҳи наззораи Наргис.

Оҳ, ин чӣ бало, Наргис!
Шӯри дили мо, Наргис!

Имрӯз ҷавонони зарифи ҳунаромӯз
Ошуфтаю дилдодаи ҳангомаи Наврӯз,

Ҳамрози ту, эй Наргис,
Дамсози ту, эй Наргис!

Аз меҳр шарар резӣ ба паймонаи ошиқ,
Обод шавад хонаи вайронаи ошиқ.

Зеби ҳама ҷо Наргис,
Тоҷи сари мо Наргис.

Пайғоми баҳорон гули наргис ба чаман шуд,
Аз ишқи ту маъвои баҳорон дили ман шуд.

Наврӯзии мо, Наргис,
Фирӯзии мо, Наргис!

*соли 1967*

## ХАЁЛИ ШИРИН
*(Суруд)*

Гар назаре ба мо кунӣ,
Хандаи дилкушо кунӣ,
Дар дили беқарори ман
Олами ишқ ҷо кунӣ,

Умри ҳазор мебарам,
Кайфи баҳор мебарам.

То саҳарам ба бӯи ту,
Чашму дилам ба сӯи ту,
Оҳ, агар ки дасти ман,
Баста шавад ба мӯи ту,

Умри ҳазор мебарам.
Кайфи баҳор мебарам.

Тоби ману тавони ман,
Рӯҳи ману равони ман,
Гар ту шавӣ аз они ман,
Ханда кунад ҷаҳони ман,

Умри ҳазор мебарам.
Кайфи баҳор мебарам.

*соли 1965*

## МАВҶИГУЛ
**(*Суруд*)**

Ман ба як хандаи ту,
Дилу ҷон бохтаам.
Ишқу паймони туро,
Дилу ҷон сохтаам.

Мавҷигул, Мавҷигул!
Чашмаи илҳоми ман,
Мавҷигул, Мавҷигул!
Номи диломи ман.

Он қадар соз маро,
Он қадар сӯз маро,
То ки афсона шавад
Ишқи мо дар ҳама ҷо.

Мавҷигул, Мавҷигул!
Чашмаи илҳоми ман.
Мавҷигул, Мавҷигул!
Номи диломи ман.

*соли 1967*

## РОМИШГАРИ ПИР

Ин шаҳр пур аз шӯр аст,
Бо сози ҷаҳон ҷӯр аст.
Дар саргаҳи ин кӯча
Ромишгари машҳур аст.
Дар ҷогаҳи пирияш
Ошуфтаву ранҷур аст.
Хуршеди ғуруб аст ӯ,
Аз чашми замон дур аст.

Боғи дилаш афсурда,
Мурғи дили ӯ мурда.

Созаш зи наво монда,
Дар гарди ҳаво монда.
Ин пири ҳунар имрӯз
Дур аз бари мо монда.
Бо мост суруди ӯ,
Худ лек ҷудо монда.
Ку мухлису мунисаш?
Дардаш зи даво монда.

Боғи дилаш афсурда,
Мурғи дили ӯ мурда.

Овехта сози ӯ
Дар гӯшаи айвон аст.
Танбӯри хамӯши ӯ
Дар пардаи ҳиҷрон аст.
Ин ҳофизи афсунгар
Дар ҳоли парешон аст.
Дар кунҷи фаромӯшӣ
Ду дидаи ҳайрон аст.

Боғи дилаш афсурда,
Мурғи дили ӯ мурда.

*соли 1986*

## ОЁ НАГУФТА БУДАМ?
(*Суруд*)

Гуфтам, ки ман адоят,
Пайваста мубталоят,
Ман дар фироқи рӯят,
Як ҳисса обрӯят,
Мову ту созгорем,
Як ҷуфти ғамгусорем.

Он номаи кафолат,
Аз меҳру аз садоқат,
Рӯзе, ки бурда будам,
Бар ту супурда будам,
Оё нагуфта будам?
Оё нагуфта будам?!

Гуфтам, ки дар ту мирам,
Дарду балота гирам,
Бар ҳарфи вай макун гӯш,
Гар дорӣ дар сарат ҳуш.
Бадхоҳи ишқи мо ӯст,
Дар фикри моҷаро ӯст!

Акнун ба ҳукми тақдир
Мурғи дилам шуда пир.
Дарё ҳаме равон аст,
Пуршӯру пурфиғон аст,
Мо монда дар ду соҳил,
Аз гиряат чӣ ҳосил?!

Гуфтам баҳори умрат,
Авҷу барори умрат,
Айшу ғуруру мастӣ,
Андар сарои ҳастӣ,
Даври ҷавонӣ ҳайҳот,
Бигзарад аз раҳи бод!

Он номаи кафолат,
Аз меҳру аз садоқат,
Рӯзе, ки бурда будам,
Бар ту супурда будам,
Оё нагуфта будам?
Оё нагуфта будам?!

# ШИКВА
(*Суруд*)

Ҳама офоқ нигаҳдори ту бод,
Дили бедоғ вафодори ту бод.
Ба чунин фазлу ҷамолу дили пок
Ҳама дар даҳр харидори ту бод.

Майли дилҳои ҳама сӯи ту аст,
Ба қаду сурати дилҷӯи ту аст.
Чӣ кунам, ғайри мани беҷуръат
Ҳама ҳамвора саногӯи ту аст.

Ман зи ту нимназар мехоҳам,
На ба дил ишқи дигар мехоҳам.
Ку ҳамон ҷуръату бебокии ман,
Ки ба кӯи ту гузар мехоҳам.

Ҳама офоқ нигаҳдори ту бод,
Дили бедоғ вафодори ту бод.
Ба чунин фазлу ҷамолу дили пок,
Ҳама дар даҳр харидори ту бод.

## ДИЛИ САБЗИ ОШИҚ

Ту чӣ донӣ, моҳу соле
Зи ту дар канора будам,
Ба раҳи расидани ту
Ҳама тан назора будам.

Ту чӣ донӣ, ки муҳаббат
Бувад олами пур аз сӯз.
Ғами ман бидонад охир
Фақат он Ситораи рӯз[1].

Ту чӣ донӣ, ки баҳорон,
Дили сабзи ошиқон аст.
Ҳаваси муродхоҳӣ,
Чӣ ба пиру чӣ ҷавон аст.

Ту чӣ донӣ, чашми бедор,
Алам аз замона бошад.
Ё ки аз фироқи ҷонон,
Ғами ошиқона бошад?

Ту чӣ донӣ, эй азизам,
Ба раҳат ду дида чор аст.
Чӣ кунам, гарат набинам,
Ғами ман чӣ бешумор аст.

---

[1] Ситораи рӯз – ситорае, ки дами субҳ фурӯзон мешавад.

## САМО АБР АСТУ БОРОНӢ
(*Суруд*)

Дар ин мавриди дидор ҳам, Худоё, боз борон аст,
Чу ман ошиқ ҳамин лаҳза таги борон ҳазорон аст.
Ҳазорон марди дилдода,
Ҳазорон духти озода,
Ҳазорон ҳамчу мо, ҷонам!
Дар ин савдо биафтода.

Само абр асту боронӣ, дилам дарёи туфонӣ,
Ману ту авҷпарвозем ба боли ишқи рӯҳонӣ.
Ҳаво абру дилам нарм аст,
Дилам болидаву гарм аст.
Дар ин раҳ ошиқи бехуд
Талошаш дур аз шарм аст.

Ҷаҳон саршори ишқ асту фалак сармасту девона,
Ману ту зуд ба ҳам оем, фардо дуру бегона.
Аё борон, вафоям кун,
Бизан тундар, садоям кун!
Ба ишқи поку ҳам сода
Ҳамеша мубталоям кун.

Дар ин мавриди дидор ҳам, Худоё, боз борон аст,
Чу ман ошиқ дар ин лаҳза таги борон ҳазорон аст.
Ҳазорон марди дилдода,
Ҳазорон духти озода,
Ҳазорон ҳамчу мо, ҷонам!
Дар ин савдо бияфтода.

## СУРУДИ РОНАНДА

Дар гӯшаи сар тоқии чоргул,
Пазмони ёрам андар сари рул.
Ман мешитобам бо шасти оҳу
Аз роҳи ағба, аз домани чӯл.

Чанг аз пасу пеш, парво надорам,
Дар ёди манзил ман раҳсупорам.
Ҳой мардуми нек, эй ёри дилбанд,
Як мошини пур савғо меорам!

То рӯзи равшан оям ман имрӯз,
Бар деҳаи он ёри дилафрӯз.
Гар бори мошин мардум фароранд,
Бори ғами ман он ёри дилсӯз.

# ҶАВОНӢ

Водие ҳусни баҳоронро гирифт,
Рӯди саркаш амри инсонро гирифт.
Шӯълаи меҳри ҷавониро бубин,
К-аз замин то авҷи кайҳонро гирифт.

Парвози баланд гир ба дунёи ҷавонӣ,
Нерӯи замон астӣ, ҷавонию ҷавонӣ.

Чӯлу сангистони мо обод гашт,
Шаҳру деҳоти наве бунёд гашт.
Чун ҷавонӣ ҳар куҷо дар рӯзгор
Пешсаф, собитқадам, устод гашт.

Парвози баланд гир ба дунёи ҷавонӣ,
Нерӯи замон астӣ, ҷавонию ҷавонӣ.

## ОФАРИН БАР ЗАКОВАТИ ИНСОН

Аз талошу матонати инсон!
Аз шукӯҳу шаҳомати инсон!
Моҳи тобон нишемани мо шуд,
Офарин бар заковати инсон!

Ин замин рамзи иқтидори мост,
Осмон шоҳиди барори мост,
Ақлҳо раҳнамои арзу само,
Қудрати рӯҳи рӯзгори мост.

Даҳшати ҷанг аз миён биравад,
Бахту иқбол дар амон бишавад.
Шӯълаи офтоби субҳи мо
Машъалафрӯзи як ҷаҳон бишавад.

Офарин бар заковати инсон!
Офарин бар иродати инсон!
Моҳи тобон нишемани мо шуд,
Офарин бар маҳорати инсон.

## ЁДИ ОН РӮЗ

(*Суруд аз драмаи «Лаҳзаи ҷовид»*)

Эй, ки огоҳ туӣ аз розам,
Чун ба гӯшат бирасад овозам,
Як нафас сабр намо, гӯш бидеҳ,
Ки ба дарди дили худ пардозам.

Ёд аз он рӯз, аз он рӯз кунед,
Ёди он лаҳзаи пурсӯз кунед.

Хандаи беғаши мактаббачагон
Марҳами пайкари захмини ман аст.
Баҳри фардои Ватан ҷон додан
Маслаку мақсаду оини ман аст.

Ёд аз он рӯз, аз он рӯз кунед,
Ёди он лаҳзаи пурсӯз кунед.

## БОДИ САБО

Аз бағали кӯҳсор,
Аз нафаси обшор,
Аз лаби оби равон,
Аз дами мавҷи дамон,

Боди сабо пар кушод,
Чеҳраи гул боз кард.
Савсани гармозада,
Ноз сари ноз кард.

Аз бари боғи баланд,
Синаи дашти лаванд,
Аз сари сарчашмаҳо,
Лағжидани тармаҳо,

Боди сабо пар кушод,
Чеҳраи гул боз кард.
Савсани гармозада
Ноз сари ноз кард.

## АБРИ ГУЗАР

Абри гузар, абри гузар,
файзи баҳорон,
Абри гузар, абри гузар,
шаддаи борон.

Тозаю хушранг бикун ин чаман,
Ҷомаи нав деҳ ба замини куҳан.
Рез кунун, файз диҳад кишту кор,
Гул кунад ин гӯшаи хоки Ватан.

Гир ба оғӯши худ ин кӯҳсор,
Ганҷ бидеҳ бар ҳама деҳи қатор,
То ки аз ин ашки ҳаётоварат
Ҷӯшида мастӣ бикунад обшор.

Абри гузар, абри гузар,
файзи баҳорон,
Абри гузар, абри гузар,
шаддаи борон.

## РОЗИ ПИНҲОН

Дар лаби рӯде,
Биншаста бо роз,
Куртакабуде –
Духтари танноз.

Бо оҳу шеван,
Бо ларзиши тан,
Гуфто ҷавоне,
Дил бурда аз ман:

Қасам ба ҷонам,
Эй рӯди шодоб,
Чандест рафта,
Аз дидаам хоб.

Дарё равон аст,
Роҳаш кушода.
Қадрам надонад
Он беирода.

Ман мондаву рӯд
Дар ин шаби тор,
Дар ёди ӯям,
Бо дидаи чор.

Бо сози дарё,
Бо мавҷи соҳил,
Он роз мерафт
Манзил ба манзил.

Ин рози пинҳон
В-ин дарди сӯзон,
Бар ҳар дару кӯй,
Гашта парешон.

## ТӮЙ МУБОРАК
(*Суруд*)

Ин ҷо ҳама гулбез аҷаб равшану рангин,
Аз авҷи само нур диҳад Зӯҳраю Парвин.
Як ҷӯша ҷавон пой дар ин хона ниҳода,
Сад нағма биёмехт ба ҳар хандаи ширин.

Ин хонаю ин манзил,
Бошад ҳама дам обод.
Паймони вафодорӣ
Сози хуши дилҳо бод.

Аз теғи нигаҳ рехт шарар дар дили домод,
Як ҳайкали ишқе шуда з-ин замзама бунёд.
Эй дӯст, қадаҳ гир, ба рақс ой, ки ду дил,
Пайваст шуду хонаи ёрон шавад обод.

Ин хонаю ин манзил
Бошад ҳама дам обод.
Паймони вафодорӣ
Сози хуши дилҳо бод.

## НИГОҲИ ДИЛСИТОН

Охир чаро бо ин нигаҳ
Тобу тавонам мебарӣ.
Бар гӯши як шаҳри азим
Оҳу фиғонам мебарӣ,
Бо сеҳру ҷоду бехабар
Умри ҷавонам мебарӣ.

Бо як нигоҳи синасӯз
Оташ ба ҷон андохтӣ.
Аз сӯзи беҳосил чӣ суд,
На сӯхтӣ, на сохтӣ.

Хоҳам, ки бошад ин нигаҳ
Гарму ҳаловатпарваре,
Ҳамчун паёми бардавом,
Аз ишқи мо ёдоваре.
Хоҳам, ки бошад ин нигаҳ,
Мушкилкушо, ҷонпарваре.

Бо як нигоҳи синасӯз
Оташ ба ҷон андохтӣ.
Аз сӯзи беҳосил чӣ суд,
На сӯхтӣ на сохтӣ.

## СУКУТИ КОРЗОР

Ҳамчу сарбоз дарахте
Сарнагун гашта ба хок.
Қасри аз дуда харобе,
Дару девораш чок.
Байни майдони пуроташ,
Ҳама захмину ҳалок.
Хок оғӯшта ба хун.
Одамӣ хору забун.

Оташи шӯъбадабозе
Ранг бигрифта зи хун.
Ҳар куҷо пайкари одам,
Сар ҷудо, гашта нагун.
Дили армонии одам
Ҳамчунон косаи хун.
Одамӣ ғарқа ба хун.
Зиндагӣ хору забун.

Хок тасфида чу оҳан,
Битапад балки хамӯш.
Зи куҷо оҳи гароне
Расад оҳиста ба гӯш:
Одамӣ зоти шариф аст,
Гираш, ай даҳр, ба дӯш.
То куҷо ғарқа ба хун!
То куҷо хору забун!

## ХОТИРАИ НАНГИН

*(Ёде аз қурбониёни иғвошудаи тоҷик солҳои 1932-37)*

Аз рӯй ниқоб андоз,
Эй зумраи бегона!
Дардест дар ин овоз,
Дигар магӯ афсона!

К-ин ҷо нишони панҷаи вайронахоҳи туст,
Ҳангомаи разолату қатлу гуноҳи туст.

Аз синаи ин кишвар
Овози ҳазин хезад.
Бар лаънати он золим
Тӯфони замин хезад.

К-ин ҷо адиби саркаше ҷонсӯзу ҷоннисор,
Армонӣ рафт з-ин ҷаҳон бо синаи фигор.

Гар марди ватанхоҳе
Дил рӯи кафаш бинҳод,
Дар вартаи макри ту
Беному нишон афтод.

Ҳар ҷо ки лола сар кашид, он ҷо нигоҳи ӯст,
Дасти қасосу домани макру риёи туст.

Имрӯз дар ин кишвар
Ин хотира нангин аст.
Ҳар доғи ниҳони ту
Дар синаи чандин аст.

Чун сар барорӣ, миллатам туғён ҳамекунад,
Бунёди макру фитнаат вайрон ҳамекунад.

*соли 1967*

## ГУФТОРИ ПАРЕШОН

Мо гӯшгаронем зи гуфтори парешон,
Файзе зи чаман рафта бад-ин кори парешон.

Дилмондаам аз маҳфили афсонафурӯшон,
Аз сӯҳбату аз минбару пиндори парешон.

Дар хонаи ҷамъе, ки ба ваҳдат шуда моил,
Савдои хаёл омада рафтори парешон.

Аз хомии дил пухта нагаштем, чӣ ҳосил,
Он дарди куҳан мондаву озори парешон.

Ҳар ҷо агар аз иллати миллат сухане рафт,
Гуфтанд ҳамон нуктаи такрори парешон.

Ҳаргиз яки мо ду нашавад, марди ватанхоҳ,
То бошадамон ин каму бисёри парешон!

*соли 1992*

## МЕҲМОНИ ДАРГОҲИ ТУ

Меҳмонии даргоҳи ту, эй ёр, Меҳмон омадаст!
Зулфи сиёҳи шаб пареш, ӯ ҳам парешон омадаст.

Дар ҳасрати дидори ту, дилбастаи шабҳои ту,
Бо тобу таб, оҳе ба лаб, бо қалби сӯзон омадаст.

Ҷоно, бидеҳ дармон ба ӯ дар саргахи ин орзу,
К-аз дарди ҷонфарсои дил,
дандон ба дандон омадаст!

Дилдодаро роҳаш дароз, дорад басе шебу фароз,
Аз олами пиндорҳо ёри ту сарсон омадаст.

Лабташнаи лабҳои ту, як ошиқи шайдои ту,
Бо синаи дардошно ҷӯёи дармон омадаст.

Меҳмонии даргоҳи ту, эй ёр, Меҳмон омадаст!
Зулфи сиёҳи шаб пареш, ӯ ҳам парешон омадаст.

## ҲАЙФИ ҶАВОНИИ МО!

Мо ду рафиқи раҳгум,
Нақши тасодуф астем.
Бар кайфи нашъамандӣ
Аҳди ҷавонӣ бастем.

Аз хешу ҳамсафон дур,
Бо сифлаҳо нишастем.
Ҳайфи ҷавонии ту,
Ҳайфи ҷавонии ман!

Мо аз ҷавонии худ
Садсола дур мондем.
Аз ишқ бехабар мо,
Ранҷуру кӯр мондем.

Нодида меҳри дилбар,
Бе тую сур мондем.
Ҳайфи ҷавонии ту,
Ҳайфи ҷавонии ман!

Бигзашт сӣ баҳорон,
Чун сели кӯҳсорон.
Модар ба ҳоли зоре,
Нолону ашкборон.

Дар ғурбату гадоӣ,
Мондам ба рӯзгорон.
Ҳайфи ҷавонии ту,
Ҳайфи ҷавонии ман.

Бишнав маро, бупарҳез
Аз кайфи лаҳзаи банг,
Бигрез аз хумораш,
Гар дорӣ андаке нанг.

Андеша кун, ки гуфтам,
Ҳастам ба ҳолати танг!
Ҳайфи ҷавонии ту,
Ҳайфи ҷавонии ман.

*соли 2016*

## ХУШ БОШ!
(*Суруд*)

Хуш бош, имрӯз омадӣ,
Дар рӯзи Наврӯз омадӣ!
Дигар чӣ ғам бошад маро,
Эй, ёри дилсӯз омадӣ!

Бингар ҳама ҷо нурфишон,
Аз остон то осмон.
То боди ишқи ту вазон,
Боғи дили ман бехазон.

Хуш бош, хуштар омадӣ,
Бо нози дилбар омадӣ.
Ҳамчун баҳори гулнисор
Сабзу муаттар омадӣ.

Акнун манам пиронасар,
Гаҳ дар барат, гаҳ дар ба дар.
Ҷонам, чи суд аз рашки ту,
Дигар нахоҳам шуд дигар!

## ЭЙ ИШҚИ РӮҲАФЗО
(*Суруд*)

Эй ишқи рӯҳафзо,
Пайдову нопайдо,
Мо ҳам гирифторем
Дар қайди ин савдо.

Эй дарди ҷонсӯзам,
Дар сина маҳфузам.
Танҳо манам огаҳ
Аз сӯзи ҳаррӯзам.

Эй ҳусни нотакрор,
Эй чашми афсункор,
Дар банди ҷодуем
Дар гӯшае ночор.

Аз оҳи ҳасратҳо,
Аз шикваю даъво,
Олам саропо шуд
Пуршӯру пурғавғо.

Ин чархи гардон аст,
Дунё пурармон аст,
Ашки надоматҳо
Дар нӯги мижгон аст.

## МЕҲРНОМАИ ДУШАНБЕ

Меҳвару меҳробу минбар,
Қутби нурафшони кишвар.
Ҷавҳари огоҳии мо
Мардумак дар чашми Ховар.
Эй Душанбеи мунаввар,
Меҳр дар дил, тоҷ дар сар!

Атри гул дорад насимат,
Марҳами дилҳо шамимат.
Мешавад сарсабзу барно,
Ҳар кӣ мегардад муқимат.
Эй Душанбеи мунаввар,
Меҳр дар дил, тоҷ дар сар!

Ифтихори мост номат,
Чилчароғи мо маромат.
Шаҳпари давлат ба душат,
Пояи маснад мақомат.
Эй Душанбеи мунаввар,
Меҳр дар дил, тоҷ дар сар!

Саҳнаи комилшуданҳо,
Базмгоҳи анҷуманҳо.
Зинаи меъроҷи миллат,
Қиблагоҳи ҳамватанҳо.
Эй Душанбеи мунаввар,
Меҳр дар дил, тоҷ дар сар!

## МУСУЛМОНО!

Муслим, муслим, ҷаҳон ҳамон аст ҳанӯз!
Садрӯю дурушту беамон аст ҳанӯз.
Аз суннию аз шиагарии ману ту,
Исломи мубин чӣ саргарон аст ҳанӯз!

## ДИДОРИ БУХОРО

Пазмон ба раҳам дидаи бедори Бухоро,
Рӯзе бирасам аз дару девори Бухоро.
Аз решаи ту боғи дилам ғунча кушояд,
Зеро ки манам дар раҳи дидори Бухоро.

## Барои устоди ғамгусору дилогоҳ Боқӣ Раҳимзода

Ҳар кас ба маҳфиле сухани Боқӣ гӯш кард,
Гӯё зи соғари суханаш шаҳд нӯш кард.
Сар то ба пош хандаю дунёи ҳикмат аст,
Дидори неку суҳбати гармаш ғанимат аст.

## Барои коргардони беназири синамо устод Тоҳир Собиров

Рафтӣ чу дурахши меҳр Тоҳир Собир,
Нақши ҳунарат монд чу нақши тақдир.
Бар хоки ту оянд ҳаводоронат,
Пурсанд ҳанӯз аз ту тадбир, эй Пир!

## КИСТ ОН МАРД
### *(Барои Сайдулло Хайруллоев)*

Кист он марде, ки побарҷост ӯ,
Оқилу бошафқату доност ӯ?

Аз нигоҳи ӯ сафо борад хирад,
Чун китоби панд пурмаънost ӯ.

Бедили ушшоқро дорад писанд,
Мухлиси ашъори Мавлоност ӯ.

Кист он марде, ки давлат парварид,
Ҳамсафи шоҳе, ки мулк орост ӯ?

Рост гуфту ростиро парварид,
Рафт як умре ба роҳи рост ӯ.

Бар касе кардам суол, аз сидқ гуфт:
– Турфа Сайдуллои Хайруллост ӯ!

## ЁДВОРА

Зеби нишасти ёрон бо ҷоми Шералӣ буд,
Файзе ба хони неъмат бо номи Шералӣ буд.
«Якачинор» обод аз дасти ӯ шуд, эй дӯст!
«Меҳмон бишав, бародар», – пайғоми Шералӣ буд.

## ЭҲДО

***(Банда бо адиб, собиқ Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, оқои Алиасғари Шеърдӯст, зодаи 25 март ҳастем ва ин ишора ба ҳамин рӯзи шодбошӣ аст)***

Мо зодаи як рӯзе,
Мо ҳамдили дилсӯзем.
Ду булбули як гулзор,
Парвардаи Наврӯзем.

# БОБИ II

## ДАР ПАЙРОҲАИ ПАЙРАВӢ….

## ФАРЗАНДИ ЗАМИН

Паҳн карда домани гулгуни хеш
Ҳамчу хони неъмате модар-замин,
Боғу роғу киштаҳо дар доманаш,
Рӯзии фарзанди ман гӯяд ҳамин.
Гар ту умре номбардори манӣ,
Гар ту фарзанди вафодори манӣ.
Рӯзият бистон ту аз домони ман,
Давлати ман аз ту бод, эй ҷони ман!
Лек амру хоҳиши модар-замин,
Бар ту, эй фарзанди ман, бошад чунин:
Аз замин ҳар он чӣ мехоҳӣ гирифт,
Бо талошу зӯри дастонат бигир.
Бо салоҳи ақлу идрок,
Ҳамчу шири модарат пок,
Дар баҳои қавлу паймонат бигир!
Бингар ин дам марди деҳқон
Он, ки пайванди замин аст,
Он, ки ӯ бо обу хок аз хоксориаш қарин аст,
Менавозад хокро, то зар ситонад аз замин,
Обрӯи хешро бинад дар ин.

Ҳар ниҳоле чун нишони орзу
Ибтидо дар мазраҳо не,
Дар замини қалби деҳқон
Дар замири аҳду паймон,
Бор гирад.
Ҳосили бисёр гирад.
Вақти гармо ҳамраҳи оби равон
Қалби ӯ ҳам об гардад.
То равад дар ҷӯяҳо оби фаровон,
Рустаҳо шодоб гардад.
То ки рӯзе аз фурӯғи заҳматаш,
Бишкуфад ҳар ғунча аз дастони ӯ,
Аз барораш бишканад армони ӯ.

## ҚИСМАТИ РӮЗ

Дар сароғози ҷаҳон,
Аз рӯи изҳори ҳакимони қадим,
Чор сӯи чарх танҳо рӯз буд.
Ошиқи он
Дар Замину Осмон,
Офтоби зиндагиафрӯз буд.
Ҳарду бо ҳам
Волаву шайдо,
Чӣ пинҳону чӣ пайдо,
Ҳамдили дилсӯз буд.
Рӯшанӣ фирӯз буд!
Лек чун бархост овои Дили одам,
Як садои муддаъӣ аз манзили одам,
Ба он,
Бо ҳавас карданд ҳарду як нигоҳ.
Дар паси чил пардааш диданд, оҳ,
Нимаи Дилро сафеду нимаи онро сиёҳ.
Зад сиёҳӣ чашми лоли Офтоб,
Дукафон гардид Рӯз.
Дар миёни рӯзгори даргузар,
Дар саранҷом, эй дареғ,
Рӯзи рӯшан гашт як нимаш,
Вале,
Шуд шаби торик як ними дигар.

## ИСЁНИ ШЕЪР

Шеър,
Шеъри зиндагӣ,
Аз ҳазорон солгарди зери гарди бандагӣ,
Аз пайи як раҳ раҳоӣ
Хешро афшонд дар бунбасти хеш,
Омад аз ҳастии худ як сар баланд!
Сар кашид аз вожаҳои вожгуни сарнавишт,
Банд-банди хеш канд!...
Мехкӯби чорчӯби хеш буд,
Аз алам,
Мечакид аз ҳарфи он ашки қалам.
Орзуву ормони растагорӣ дар ниҳон,
Бонг мезад дар ҷаҳон.
Бо арӯзи худ арӯсӣ дошт ӯ
Дар ҳарими ишқи пок.
Ҳусни ӯ мастур буд,
Рози ӯ пинҳон ба сад дастур буд.
Дар гулӯи хушки дар қофия оҳи тобнок.

Шеър,
Шеъри рӯзгор,
Шеъри бо андарзи худ омӯзгор.

Бо ҳама ороям хеш,
Бо ҳама пироҳану пирояи хеш,
Бо ҳама зеру бами оҳангҳояш,
Бо ҳама рахшу дурахши рангҳояш,
Бо ҳама атри гули роғии худрӯяш,
Бо ҳама атри гули боғии дилҷӯяш,
Бо ҳама гулбарги райҳонаш,
Дар паси хатҳои райҳонии печонаш,
Бо ҳама боди сабои хеш,
Бо ҳама сози навои хеш,
Бо ҳама парвонаҳову шамъи гирёнаш,
Бо ҳама дуди дили сузони бирёнаш,
Бо ҳама нозу хироми сарви озодаш,
Бо ҳама андуҳу шодии худододаш,
Бо ҳама мушки Хутан,
дурри Адан,
лаъли Бадахшонаш,
Бо ҳама бодоми чашму наргиси ҷодуи фаттонаш,
Бо камони абрӯвону тири мижгонаш,
Бо ҳама оҳуи масти марғзоронаш,
Бо ҳама бозу тазарву андалеби шохсоронаш,
Бо ҳама шеру паланги кӯҳсоронаш,
Бо ҳама дарди фироқу тобу табҳояш,
Дар нигоҳи моҳи шабҳояш,
Бо ҳама тазмини гесӯи парешонаш,
Бо ҳама ташбеҳу талмеҳи дурафшонаш,

Бо тамоми мушикофиҳои мушкинаш,
Бо ҳама кашшофиҳои Чину Мочинаш,
Бо тамоми истиороташ,
Бо тамоми ихтирооташ,
Бо ҳама тасвири зебояш,
Бо ҳама тафсиру таъбири фиребояш,
Бо ҳама афсонаву афсуни деринаш,
Бо ҳама овои ширинаш...

Худ дигар дар худ нағунҷид.
Ҳамчу дар байташ миёни чор девор,
Чор сӯ шӯрид ҳушёр,
Хешро аз хоби руъё кард бедор.
Ногаҳон омад ба исён,
Зад шабохун,
Гашт аз ойинаи ойини худ берун,
Аз замири рушанаш чун бозтоби офтоб,
Кард дар авзони худ ӯ инқилоб.
Ворaҳид аз маҳбаси нақши китоб.
Қолаби худро шикаст охир,
Рост аз худ раст охир,
То фаро гирад ҳама туфони дунё,
Дар миёни чор дарё.
То фаро гирад саросар ҳафт иқлим,
Бо ҳама андешаи имрӯзу фардо.

Шеър,
Шеъри зиндагонӣ
Шуд ҷаҳонӣ!
Шуд заминӣ!
Бо ҳама парвозҳои осмонӣ,
Бо ҳама пардозҳои ҷовидонӣ!

Лек афсӯс,
Бо ҳама афсонаву афсун,
Монд дар сабки куҳан як нимааш,
Лек растохез дорад дар сухан ними дигар,
То дар он ғунҷад фаросӯи ҷаҳонҳо,
То шавад дар худ фарогири замонҳо!

Шеър,
Шеъри зиндагонӣ,
То даме ин зиндагӣ бошад,
Сӯи озодӣ фурӯғи хеш мепошад!

## БОЗТОБИ ОФТОБ
(*Достон*)

*Ба гиромидошти*
*Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ*

Ё Ҳазрати Мавлоно,
Донандатарин доно!

Дар санг чу дар мино,
Бинандатарин бино.

Дар ҳафт сипеҳри дил,
Эй меҳвари меҳри дил!

Дилдодатарин ошиқ,
Озодатарин ошиқ!

Ту ёри Худо ҳастӣ,
Дар ишқи Худо мастӣ.

Ворафтаи дунёӣ,
Ворастаи уқбоӣ,

Ту дар ҳамаи моӣ
Ту замзамаи моӣ!

* * *

Тоҷику турку араб шайдои ту,
Рози пинҳонест дар пайдои ту.
Синаи меҳри ту пок аз кина буд,
Бо ҳама ойин дилат ойина буд.
Ин замон аз ҳафт ақсои замин
Аҳли имон бар забон орад чунин:
– Ҳазрато, эй порсои покдин,
Муршиди дар обу хок афлокбин.
Бо забони кибриё гӯё шудӣ,
Дар Замин ҳафт осмон ҷӯё шудӣ,
К-ин Замин даввору кайҳон довар аст,
Ишқи ҳақ дар дил ҳақиқатпарвар аст.
Меҳр агар поянда, сар солим бувад,
Ин башорат ҳар киро лозим бувад.
То навозад ин башорат гӯши мо,
То гудозад ин ҳарорат ҳуши мо.
Аз само ояд ба паҳнои Замин
Дилрабову дилпазиру дилнишин.
Ҳар дили дардошно маъвои ӯст,
З-ин ҷаҳон то охират маънои ӯст.
Роҳи ихлосу вафо ояд ба ҳам,
Созҳо дар ҳар наво ояд ба ҳам.
Ҳазрати шайдои мо, Мавлои мо,
Эй ҷилои аз ҷило авлои мо!
Эй нишоти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум.

* * *

**«Худовандо, ту медонӣ, маро аз аҳли имон кун,**
**Макун сӯфӣ, макун шайху макун мулло,**
**мусулмон кун!»[1]**

Ӯ Худоро ёфт ҳамчун офтоб,
Бозтоб аз ҳалқаи нури савоб.
Он, ки нурафшон баробар бар ҳама,
Рӯшанӣ дорад саросар бар ҳама.
Бар ҳама боҷону беҷони замин,
Гармии ӯ аз ясору аз ямин,
Гармие, к-аз роҳи ишқ ояд баланд,
Гармие, к-аз оҳи ишқ ояд баланд.
Ҷумларо дар ишқи ҷонон парварад,
Дар ҳавои адлу имон парварад.
Шодӣ афзояд, башар шайдо шавад,
Гаҳ ниҳон дар хешу гаҳ пайдо шавад.
Аз замин сӯи само дил во кунад,
Меҳри ӯро дар дили худ ҷо кунад.
Меҳри бепоён раҳи пайғамбарист,
Доварӣ дар ҷодаи одамгарист.
Доварӣ дар боварӣ рои Худост,
Ҳарчӣ аз инсоф берун, норавост.
Дониш афзудиву беҳамто шудӣ,
Дар тариқи ишқ Мавлоно шудӣ.
Ҳақталошӣ бесариро дур кард,
Зиндагиро тозаву пурнур кард.

[1] Ин ҷо ва баъдан мисраъҳое, ки сиёҳ омадаанд, аз Мавлавист.

Мо муридони ту, эй пири мурод,
Раҳнамои роҳи ҳақ рӯҳи ту бод!
В-он, ки дилҷӯю баланду беназир,
Ҳақпарасту роздон асту кабир.
Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум!

* * *

**«Эй бандагони тан, ба тамошои ҷон равед,
Зеро Расул гуфт, тамошо муборак аст»**

Қуния буд шаҳри сабзи дилпазир,
Обу хоку боғу роғаш беназир.
Аҳли он хушсурату меҳмоннавоз,
Ташнаи изҳори розу сӯзу соз.
Дар миёни шаҳр майдони кушод,
Гирди он саф баста дӯкони зиёд.
Чак-чаки оҳангарӣ дар ҷӯш буд
Бо садои набз ҳамоғӯш буд.
Путку сандон ҳарб андар ҳарб дошт,
Сози ҳастӣ зарб андар зарб дошт.
Лаҳзае дар байни майдон ёри нур,
Монд дар ҷову дилаш омад ба шӯр.
Гӯш бар зарби чакуш бигзошт ӯ,
Аз ҳавои он наво бардошт ӯ.
Даври худ ӯ давр зад, даврон бишуд,
Пойкӯбон гашту дастафшон бишуд.
Пири пирон, марди мардон гӯиё,

Гирди гардун гашт гардон гӯиё.
Чархи худ бигрифт аз чархи барин,
Аз ҳавои нашъаи ҷонофарин.
Бар само омад дили ӯ дар самоъ,
Оташу обу гили ӯ дар самоъ.
Одамон аз ҷилди худ берун шуданд,
Дар ҳавои чархи ӯ гардун шуданд.
Сӯи майдон рехт мардум аз шигифт,
Шавқу завқи ҳар яке боло гирифт.
Зарби чаккуш дилкашу пурзӯр буд,
Чорсӯ аз чор сӯ пуршӯр буд.
Одамон то гирди Мавло омаданд,
Саф ба саф шогирди Мавло омаданд.
Чарх зад ҳар кас ба чархи Мавлавӣ,
Кард мардум рақси ӯро пайравӣ.
Аз қафои ҳикмати волои ишқ,
Аз сафои ин ҷаҳон болои ишқ.
Ҳар кӣ мечархид пӯё даври хеш,
Ҳар яке меронд гӯё даври хеш.
Маърифат аз Мавлавӣ дарёфтанд,
Дар сипеҳри меҳр меҳвар ёфтанд.
Гашт майдони пуродам пурсурур,
Шодӣ афзуду ғами дил гашт дур.
Чарх мезад бар сари майдон ҳама,
Дошт чаккуш бо чакочак замзама.
Пайравон як сар ба ӯ дил бохтанд,
Аз сафо ишқу вафо пардохтанд.

Оламе бо шӯри Мавло ҷӯр шуд,

Одамӣ аз сури Мавло ҳур шуд.
Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум!

* * *

Ё Ҳазрати Мавлоно,
Донандатарин доно!
Дар санг чу дар мино,
Бинандатарин бино.
Дар ҳафт сипеҳри дил,
Эй меҳвари меҳри дил!
Дилдодатарин ошиқ,
Озодатарин ошиқ!
Ту ёри Худо ҳастӣ,
Дар ишқи Худо мастӣ.
Ворафтаи дунёӣ,
Ворастаи уқбоӣ,
Ту дар ҳамаи моӣ
Ту замзамаи моӣ!

Эй нишон аз Балху Вахшони манӣ,
Решапайванди дилу ҷони манӣ.
Мо ҳама аз гарди домони туем.
Хӯшачини фазли имони туем.
Шӯълаи покизаи кеши туем,
Шӯре аз ангезаи кеши туем.

Сӯзи оламгири ту дамсози мост,
Сози оламгири ту ҳамрози мост.
Аз паи ту роҳпӯён омадем,
Аз наи ту розҷӯён омадем.
Ошиқони синадоғу синасӯз,
Дилкушову дилкушоду дилфурӯз!
Он кӣ ҳикмат хоҳаду арҷи сухан,
Он кӣ ҳиммат хоҳаду дурҷи сухан.
Сарфароз аз кору кирдори туем,
Баҳравар аз ҷамъи осори туем.
Эй бузурги ҳақталошу ҳақпараст,
Ҷовидон рӯҳи бузургат бешикаст.
Дар ҳунар, ё Мавлавӣ, рахшидаӣ,
«Маснавии маънавӣ» бахшидаӣ.
Ин асар дар мағзи ҷони мо шуда,
Панди ҳам имрӯзу ҳам фардо шуда.
Маснавӣ хонанд ҳар як марду зан,
Аз ту омӯзанд эъҷози сухан.
Дар ҳавои шеъри ту чун аз азал,
Ввориси ту то абад хонад ғазал.
Дар дили мо оташи ту зиндааст,
Ояҳои беғаши ту зиндааст.
Дар хаёли мо ниёишҳои ту,
Дар забони мо ситоишҳои ту.
Ҳикматат дар ҳиммати мо мондааст,
Исматат дар қисмати мо мондааст.
Эй чӣ гӯям ман, ки доно омадӣ,

Дар сари минбар тавоно омадӣ.
Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон Мавлои Рум!

* * *

**«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,**
**Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.**
**К-аз найистон то маро бубридаанд**
**В-аз нафирам марду зан нолидаанд».**

Ин ҳикоят аҳли ҳар як марзу бум,
Бишнавад аз фитрати Мавлои Рум.
Ин ҳикоят қилу қол аз ҳоли най,
Нек бошад некбинро фоли най.
Дар найистоне, ки қад афрохта,
Дил ба васли чор фаслаш бохта.
Ӯ ба боду барфу борон ноз дошт,
Бо гиёҳу гул ҳазорон роз дошт.
Бо найистон ӯ найистон менамуд,
Дар муҳити хеш ҷавлон менамуд.
Чун варо бубридаанд аз ҷамъи хеш,
Монд ӯ танҳову зору синареш.
Дар нафири ӯ шикоят ҳасту дард,
Нолаву фарёди гарму оҳи сард.
Ин ҳикоят аз ҷудоиҳои ӯст,
Бонги дур аз аслу аз маъвои ӯст.

Ҳар кӣ аз бунёди худ гардад ҷудо,
Рӯзу шаб нолад ба даргоҳи Худо.
Нолаи най ҳасрат аз дарду ғам аст,
Оташафшонии чашмони нам аст.
Ин асар аз раҳмати оташнигор,
То шавад оташ ба ҳар дил пойдор.
Ин ҳамон оташ, ки уммед оварад,
Зиндагиро рӯ ба хуршед оварад.
Оташи ишқ аз касе бегона нест,
Дар раҳи хастии мо афсона нест.
Оташе бошад, ки нагзорад қарор,
То наёбӣ баҳра аз баҳри шарор.
Он навои най нидои васли мост,
Он садои ошно аз асли мост.
Нолаи най чист – сӯз аз ишқи ёр,
Васли мо бо Ҳазрати Парвардигор.
Худ, ки Мавлоно ғарибафтода буд,
Ҷодаи армони ӯ саҷҷода буд.
Зери гардун аз ҳаёҳуи дилаш,
Сӯи меҳан буд «Ё ҳу»-и дилаш.
Эй ҳаким, эй марди роҳ, эй раҳнамо,
Доманат аз даст нагзорем мо.
Муддате дурем агар аз асли хеш,
Бо ту мепӯем роҳи васли хеш.
Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум!

* * *

Ё Ҳазрати Мавлоно,
Донандатарин доно!
Дар санг чу дар мино,
Бинандатарин бино.
Дар ҳафт сипеҳри дил,
Эй меҳвари меҳри дил!
Дилдодатарин ошиқ,
Озодатарин ошиқ!
Ту ёри Худо ҳастӣ,
Дар ишқи Худо мастӣ.
Ворафтаи дунёӣ,
Ворастаи уқбоӣ,
Ту дар ҳамаи моӣ,
Ту замзамаи моӣ!

«Ман чӣ гӯям васфи он оличаноб,
Нест пайғамбар, вале дорад китоб.
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,
Ҳаст «Қуръон» дар забони паҳлавӣ[1].
Ин ишорат аз бузургиҳои ӯст,
Аз адолат, аз сутургиҳои ӯст.
Мабдаи дерини баҳси Мавлавӣ,
Нуктаи ширини баҳси маънавӣ,
Ҷавҳари инсони озод асту бас,
Ин дили аз ишқ обод асту бас.

Ишқи ӯ аз роҳи ҳастӣ бигзарад,

[1] Аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ

Дар ҳавои шӯру мастӣ бигзарад.
Он кӣ озод аст, бошад сарфароз,
Фикри ӯ чун умри ӯ гардад дароз.
То куҷо побанд бошад раҳсипор?
Кори ӯ ҳаргиз намегирад барор.
Ҳар кӣ озодии худ сомон кунад,
Азми ҳар коре кунад, аз ҷон кунад.
Зеби инсон аст озодии ӯ,
Зеби озодии бунёдии ӯ.
Ҳусни ӯ оинаро афсун кунад,
Аз замираш кинаро берун кунад.
Гар хирад шуд довари кори ҷаҳон,
Ҷангро бо сулҳ мебандад даҳон.
Тирагиро ақли кул рӯшан кунад,
Мазраи хушкидаро гулшан кунад.
Ҳамдилӣ аз ояҳои маънавист,
Ин ҳидоят мағзу ҷони «Маснавӣ»-ст.
Ин раҳи паймудаи Мавлои Рум,
Нуктаи фармудаи Мавлои Рум.
Ӯ ҳама ирқу нажоди ин ҷаҳон,
Гарчи ҳамдин нестанду ҳамзабон,
Хешу ҳамсону бародар хондааст,
Меҳри Яздонро баробар хондааст.
Маънии инсон амиқ асту баланд,
Ҳаст нерӯяш ҳамеша бегазанд.
Ақли инсонҳост некӯ нардбон,
К-он бупайвандад замин бо осмон.

Ҳаст инсон мӯъҷизи Парвардигор,
Ҳаст инсон нусхае аз Кирдугор.
Нест мавҷуде дигар аз ӯ бузург,
Буду нобуде дигар аз ӯ бузург.
Ҳикмати инсон камоли маънавист,
Васли инсон орзуи Мавлавист!
Меҳвари меҳр аст дар ҷону дилаш,
Ҳаст меҳроби ҷаҳон обу гилаш.
Ишқи ӯ дорад ба ҳақ вобастагӣ,
Оташи он бахшадаш ворастагӣ.
Зиндагии ӯст аз созандагӣ,
Дорад аз эҷоди худ нозандагӣ.
Эй туӣ эъҷози пок, инсони кул,
Растагор аз обу хок, инсони кул!
Ин тариқат Мавлавӣ паймудааст,
Ин ҳақиқат Мавлавӣ фармудааст.
Эй сафо андар дили инсони кул,
Гавҳари покизаи имони кул,
Эй ҳаёти ҷовидон Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон Мавлои Рум!

* * *

**«Он ҷаҳон як тобиш аз хуршеди дил,**
**Ин ҷаҳон як қатра аз дарёи дил».**

Гӯянд, ки он рӯз само хиранамо буд,
Мардум ҳама осемасару бесару по буд.
Мотамзада буд Қунияву мардуми зораш,

Мотамкада буд масҷиду майдону манораш.
Гӯянд, ки дар Қуния буд мардуми маҳшар,
Андӯҳ ба дил, лоба ба лаб, дидаашон тар.
Як фавҷ араб омада, як хайл фарангӣ,
Як қофила турк омада, як силсила зангӣ.
Як қофила аз қавми яҳудию насоро,
Як силсила аз аҳли Самарқанду Бухоро.
Як қофила аз мардуми озодаи Хатлон,
Як силсила аз мардуми дилдодаи Раштон.
Як қофила суғдиву бадахшиву хуҷандӣ,
Як силсила чочиву ҳиротиву хуқандӣ.
Як қофила аз Қоҳираву Маккаву Ясриб,
Як силсила аз Ҳинду Ҳимолою Сарандеб.
Як қофила аз Тирмизу Хоразму Хуросон,
Як силсила курдону таторону урусон.
Як тӯдаи саргаштаву дилхаставу ношод,
Ҳар кас сухане вирди забон дошт аз устод.
Ёрони хуросонии ҳамқисмати Ҳазрат,
Аз меҳр дуо дода ба икрому садоқат.
Ҷамъе ба фиғон гирякунон пои пиёда,
Бар сар зада хок аз ғаму андӯҳи зиёда.
Нохост таассубзадае хира барошуфт,
Лаб инчу ҷабин ҷинч, баланд омаду баргуфт:
– Ё тавба, Худои ҳамадон, ин ҳама бингар,
Дар мотами муслим чӣ кунад мардуми кофар?!
Тарсову яҳудиву бараҳман ба хитобаш,
Имо ба само кардаву доданд ҷавобаш:
**– «Ҳарфи бадро бар лаб овардан хатост,**

**Кофару мӯъмин ҳама халқи худост».**
Ӯ шамс буду шамс барои ҳама бошад,
Аз чархи барин нур ба рӯи ҳама пошад.
Ин гавҳари покиза, ки буд волаву шайдо,
Дар гавҳараки чашм ниҳон асту ҳувайдо.
Сармасти ҳавои дили худ ин банӣ-инсон,
Файзу баракат гашт ба фазлу фани инсон.
Ӯ буд, ки роҳи сухану замзама биспурд,
Ӯ буд, ки дар ишқ раҳ аз меҳру вафо бурд.
Кас бандаи нафс аст агар пасту ҳақир аст,
Аз меҳр ғанӣ нест агар, зору фақир аст.
Ӯ равзанаи нур кушодаст ба одам,
Моро тарафи отифа хондаст дамодам.
Мо чашм ба сӯяш дами субҳу дами шомем,
На бандаи гумроҳ ба ҳар гӯшаи бомем.
Дар назди Худо халқи ҷаҳон аст баробар,
Аз якраҳаи ирқу нажод аст бародар.
Дар Машриқу Мағриб ҳама ҳастанд Худоҷӯ,
Дар домани дунё ҳама ҳастанд дуогӯ.
Дар поси Худо одаму олам ба сипосанд,
Худро чу шиносанд, Худоро бишиносанд.
Сад ранг ба сурат ҳама, сад ранг ба сират,
Якранг вале ишқи илоҳӣ ба басират.
Ту ҳад магузор, эй каси ноогаҳи ҷоҳил,
Оне, ки аз он саргаҳи Ганг аст ва ё Нил.
Ӯ, ки ҳамадон аст, бидонад амали мо,
Рӯзии абад дода зи рӯзи азали мо.

Ҳастӣ, ҳама аз маърифати ваҳдати олист,
Дар ваҳдати инсонии мо суннати олист.

… Он рӯзи азо буд қиёмат ба қиёмаш,
Аз мардуми нолону равон пушти имомаш.
Ё Ҳазрати Мавло, будаӣ шаҳпари маънӣ,
Шоҳаншаҳи озодаи сад кишвари маънӣ.
Тобути ту буд тори сари фавҷи халоиқ,
Дарёи дамон ҷӯш зад аз мавҷи халоиқ.
Ҳар қавм ҳамегуфт, ки ӯ ҳазрати мо буд,
Дар маърифати зотии ӯ ҳасрати мо буд.
Андешаи ҳамзистии аҳли башар дошт,
Ҳар дину ҳар оийн ба ҳади хеш бубардошт.
Дар номаи ҳастӣ суханаш монд нишона,
То мардуми садгона шавад рӯҳи ягона.

* * *

Ё Ҳазрати Мавлоно,
Донандатарин доно!
Дар санг чу дар мино,
Бинандатарин бино.
Дар ҳафт сипеҳри дил,
Эй меҳвари меҳри дил!
Дилдодатарин ошиқ,
Озодатарин ошиқ!
Ту ёри Худо ҳастӣ,
Дар ишқи Худо мастӣ.

Ворафтаи дунёӣ,
Ворастаи уқбоӣ,
Ту дар ҳамаи моӣ
Ту замзамаи моӣ!

Қуния акнун ба номи Мавлавӣ
Шаҳри нур асту зиёи маънавӣ.
Шаҳри ҳикмат, шаҳри фарҳанг аст он,
Бо ҷаҳон шаҳри ҳамоҳанг аст он.
Пайравони Мавлавӣ дар хоки ӯ,
Пос медоранд рӯҳи поки ӯ.
Мардуми наздику дур аз ҳар тараф,
Мерасад баҳри зиёрат саф ба саф.
Дар мазори ӯ ибодат мекунанд,
Порсоиро иродат мекунанд.
Ҳар кӣ он ҷо аз вуболу аз савоб,
Бар суоли хеш меҷӯяд ҷавоб.
Дар ҷаҳон ҳар чӣ агар рух медиҳад,
Пешвои ишқ посух медиҳад.
– Ё мусулмон, аз таассуб пок бош!
Бо ҳама ихлоси худ идрок бош.
Ҳар куҷо гар ҳарзаи риш аст, вой!
Ҳарзаи як дарзаи риш аст, вой!
Сӯи базми ошиқон хуррам биё,
То ки дарёбӣ ба ҷону дил зиё.
Ҳар замон девони Мавлоно кушо,
Роз аз ҳар ҳикмати воло кушо.

Маст шав, сармасти оҳанги ғазал,
Во шав аз қофияи танги ғазал.
Хон ҳамеша «Маснавӣ»-и Мавлавӣ,
То шави худ як ҷаҳони маънавӣ.
Пок бошу бо сафо бо дини хеш,
Нур дар ойинаи ойини хеш!
Ишқи ин дунёи ҳастӣ пеша кун,
Рӯ ба Яздон овару андеша кун…
Ҳазрато, дар дидаву дил ҷои ту,
Шарқу Ғарб ояд ба ҳам аз рои ту.
Меҳри Шамс, он пири ботадбири ту,
Монда андар назми оламгири ту.
Орзуи одамизод, эй ҳабиб,
Хуш ба олам оламе зод, эй ҳабиб!
Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум!

*декабри 2006 – феврали 2007*

# БОБИ III

## ЧАМАНИСТОНИ ХАЁЛИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН

## ГУЛШАНИ ХАЗОНРАСИДА
**(*Достон*)**

Буд ба айёми кӯҳан гулшане,
Гулшани аз шӯълаи гул равшане,
Маскани озодаи паррандагон,
Маҳфили ёрони ба ҳам меҳрубон.
Байни ҳамон гулшани овозадор,
Ҷои басо дилкаши рашки баҳор,
Ҳавзи мусаффо буду ҳай дилситон,
Ҷои нишасти ҳама паррандагон.
Шоҳину Лочин ду бародар буданд,
Оқилу дилбастаи кишвар буданд.
Ҳар ки агар тӯҳмату иғво кунад,
Душмании хеш ба ҳар ҷо кунад.
Бурда аз ин лона бурунаш кунанд,
Нӯлзанон ғарқа ба хунаш кунанд.
Зоғ ба ин ҳукм раво гашта буд,
Аз ҳамаи ёр ҷудо гашта буд.

* * *

Фасли баҳор асту замин сабзапӯш,
Олами зебо бубарад ақлу ҳуш.
Паҳн шуда домани сабзи баҳор,
Бар сари ин гулшани овозадор.
Рӯзе дар ин фасли хушу хуррамӣ
Ҷумлаи парранда ба як берамӣ

Аҳл ба ҳам, нағмакунон, парзанон
Давра зада бар сари ҳавзи калон.
Гуфт сухан Шоҳину Лочин чунин:
«Фасли баҳор аст аҷаб дилнишин.
Боядамон шодию бозӣ кунем,
Хурду калонро ҳама розӣ кунем.
Сайркунон то сари гулшан равем,
Дӯст ба ҳам то ба қиёмат шавем…»
Машварати ҷумлаи паррандагон,
Он ҳама ёрони ба ҳам меҳрубон.
Гашт ба поёну расид ин нидо:
«Шоҳину Лочин, дуятон раҳнамо!
Мо ҳамагӣ гӯш ба фармонатон,
Ҳамқадаму ҳамдилу ҳамсонатон!»
Гашт кабӯтар ба ҳаво парзанон,
Номарасон буд ба ҳама он замон.
Сор зи нав сози тараб соз кард,
Нағма ба ранги дигар оғоз кард.
Кабки дарӣ рафт ба ҳар ошён,
Қақразанон назди ҳама ҷонварон.
«Бар сари он ҳавз биёед, – гуфт,
Базми аҷибест дар оғози ҷуфт.
Гар бикунад барзгаре кишту кор,
Ҳисса бимонад бари мо бешумор».
Саъва ба ҳар гӯша ба пайғом рафт,
Аз паи ёрони хушилҳон бирафт.
Баъд алошақшақаи думдароз, –
Хушхабаре, хушхабаре! – гуфт боз…

Ғулғулаву замзамаи базми тӯй
Рафт ба ҳар лона, ба манзилу кӯй.
Аз хабари хуш ҳама шодон шуданд,
Бар сари ҳар шох ғазалхон шуданд…
Зоғи сияҳ чун бишунид ин хабар,
Дарду аламҳош бишуд тозатар.
Хост ба сад ҳила ба гулшан равад,
Шоҳиди ин базми мутантан шавад.
Пайти муносибе чу пайдо кунад,
Базму суруди ҳама расво кунад.

* * *

Субҳи сафо нам-нами борон расид,
Аз нафаси абри гурезон расид.
Ғунчаи гул, сабзаю себаргазор
Тозаю хушранг шуда беғубор.
Баҳри тамошои чунин манзара,
Аз паси сартеғаи Оҳудара.
Меҳри ҷаҳонтоб намоён бишуд,
Абр ба талвоса гурезон бишуд.
Шамс қади найза барин шуд баланд,
Нур бубахшид ба гулшан дучанд…
Аз паси ҳар бутта сари шохсор,
Марзаи пурмайса, бари обшор
Хурду калон нағмакунон омаданд,
Болкашон, чархзанон омаданд.
Сурх-хурӯсе ҳама ҷо тохта,
Болу пар афшонда, сар афрохта,

Хушхабаре гуфт ба гӯши ҳама,
Боз бубардошт хурӯши ҳама.
Ҳар ки ҳавас дошт, ҳунар менамуд,
Дарду аламҳои ҳама мерабуд.
Ваҳ, чи хушо, тӯйи нав оғоз гашт,
Кабки дарӣ бар ҳама дамсоз гашт.
Бо ҳавас Қу лаби об омада,
Тӯтии хушгӯ ба шитоб омада…
Рӯи ҳамон оби мусаффои ҳавз,
Дар бари гулгашти дилорои ҳавз
Ҷӯши тараббор ба парвоз шуд,
Рӯи фазо ғулғулаандоз шуд.
Булбулакон хонда суруде аҷаб,
Сор бишуд нағмасаро то ба шаб.
Каргаси мағруру Уқоби хамӯш
Завқ ба дил айш бикарданду нӯш.
Шоҳину Лочин ба сари анҷуман,
Анҷумани дабдабаноки чаман
Ҳарду бикарданд чунон сарварӣ,
Ҳеҷ дар ин тӯй набуд бесарӣ.
Зоғи сияҳ чораю тадбир кофт,
Ҳалли муаммош ҳамон лаҳза ёфт:
Болу пари хеш дигар ранг кард,
Баъд паи мақсадаш оҳанг кард.
Хеш бияндохт миёни ҳама,
Гашт ҳамовоз ба ин замзама…

* * *

Рӯзи дигар боз бар он даври ҳавз,
Дар бари он долу дарахтони сабз
Ҷамъ биёмад ҳама аз роҳи нек,
Бо нияти хидмати даргоҳи нек.
Зоғи ба сурат дигари ҷандапӯш,
Дар бари Калхоту Уқоби хамӯш
Ҷой гирифту сухан оғоз кард,
Кайфи азизон ҳама носоз кард.
Гуфт: «Шумо зеби чунин гулшанед,
Зӯру хирадманд шумо, ду танед.
Рост, ки ҳайронам аз ин дӯстон,
Шоҳину Лочин, аҷабо, қадрдон!?
Ёру рафиқанд ба нӯги забон,
Номи шумо паст зада ҳар замон?!
Хеш бихонда зи шумо зӯртар,
Оқилу доно ба ҳама роҳбар?!
Бояд аз ин рӯз дар ин хоки пок,
Даври ҳамин гулшани овозанок
Ҳукми шумо аз ҳама боло шавад,
Номи шумо вирди забонҳо шавад.
Дар лаби ин ҳавз, сари шохсор
Қасри азиме бишавад пойдор.
Шоҳину Лочини бадандешро,
Ҷумлаи паррандаи бадкешро…
Дур аз ин гулшани зебо кунем,
Қасри шумо шӯҳраи дунё кунем.

Қуву ҳамон Тӯтии овозадор,
Булбули шӯридаю Қумрии зор…
Дар ҳама ҷо ҷилванамоӣ кунанд,
Аз таҳи дил нағмасароӣ кунанд.
Ҷой дар ин ҳавз набошад дигар
Бар ҳама он зоти бади беҳунар…»
Хонд сано зоғи сияҳдил чунон,
Бол бияфшонд Уқоб он замон.
Гуфт ба он Зоғ: «Ки эй ҷӯраҷон,
Эй ту, хирадпешаю ҳам меҳрубон!
Қадри ману ҷӯраи Калхоти ман
Ҷуз ту надонад дигаре дар чаман.
Нест дигар бо ҳама ҳамкосагӣ,
Дӯст будан, бо ҳама ҳамсоягӣ!
Покнажодему бузургему зӯр,
Бояд аз ин рӯз ғазо карду шӯр».
Каргаси мағруру Уқоб он замон
Бо ғазаб аз ҷой шуда давдавон.
Он ду бародар чу ба нанг омаданд,
Бо ҳама хашмида ба ҷанг омаданд.
Айши ҳама, базми ҳама шӯр шуд,
Зоғ аз ин ҳалҳала масрур шуд.
Гуфт Уқоб: «Аз ҳама паррандагон,
Мо, ду нафар номвару паҳлавон!
Ҳокими ин гулашни зебо шавем,
Соҳиби ин ҷою тамошо шавем.
Рафту итоат накунад ҳар касе,
Гар бикунад қасди сари мо басе…

Зуд аз ин ҷой бурунаш кунем,
Нӯлзанон ғарқа ба хунаш кунем.
Болу параш канда бисӯзем мо,
Аз ғазаби мо нашавад ӯ раҳо…»
Он ҳама бечораякон, бегуноҳ,
Тарс ба дил, сина пур аз «оҳу воҳ»,
Хастаю озурда ба чашми пуроб
Дур шуданд аз дами қаҳри Уқоб.
Зоғ нишаста ба сари шохсор,
Гуфт суханҳои қабеҳ бешумор:
«Ҳар ки агар рӯй ба мо оварад,
Хизмати шоиста ба ҷо оварад,
Мо набарорем варо аз чаман,
То нашавад дар ба дару беватан.
Гӯш кунед, эй ҳама паррандаҳо!
Ин чаман имрӯз ба фармони мо.
Бояд аз ин лаҳза барои Уқоб,
Каргаси хушсурату олиҷаноб!
Ҳар ки ба ҷинс аст агар хурдакак,
Баҳри ризо кушта шавад як ба як!..»
Баъди чунин кашкашу иғвогарӣ
Боз ҳам оғоз бишуд бесарӣ.
Аз сари шаб то ба саҳар дар чаман
Зоғ бишуд номабару таблзан.
Хурду калон, ҷумлаи паррандаҳо,
Душмани ҳам гашта чу даррандаҳо.

* * *

Абри сияҳ рӯи саморо гирифт,
Гулшани зебо, ҳама ҷоро гирифт.
Лек касе тарс зи борон надошт,
Тарс зи ҳангомаи тӯфон надошт.
Он ҳама паррандаи гӯшанишин,
Бозу ҳамон Чуғзи дилаш пур зи кин
Бар сафи ёрони Уқоб омаданд,
Хунталаб аз роҳи шитоб омаданд.
Ҳар ки сипар сохту ҷавшан гирифт,
Бесару сомоние гулшан гирифт.
Хест ду ҷониб зи паи корзор,
Рӯи замин, ҳам ба сари шохсор.
Нӯли ҳар он ки ба сипар мерасид,
Оташаке рӯи фазо мепарид.
Парканию чангзанӣ буд аҷаб,
Хунталабӣ буд зи роҳи ғазаб.
Даври чаман, пояи гул, рӯи об –
Хуну пару бол шуда беҳисоб.
Оҳу фиғоне буду разми шадид,
Шӯр аз ин то талу барзан расид…
Баъд чунин олами дилтанг монд,
Душману ҳам дӯст ба як ранг монд.
Чӯҷаякон бесару сомон буданд,
Аз аламу дард ба афғон буданд.
Ҷанг ҳамерафт басе рӯзу шаб,
Омада аз хастагиҳо ҷон ба лаб.

Ҳеҷ набишнохта кас ёри худ,
Ёри дар ин лаҳза мададгори худ.
Он ҳама ошуфтаю ғарқоби хун,
Ҳавзи мусаффо шуда сероби хун…

* * *

Баъди чунин кашкашу чанголзанӣ,
Ёру бародар ба заминафканӣ –
Ҳар ки бирафт аз назари якдигар,
Гашт муқими талу кӯҳу камар.
Сабзчаман монд пас аз он хамӯш
Монд лаби ҳавз зи ҷӯшу хурӯш.
Баъди ҳамон рӯз, ки паррандагон
Ҷанг бикарданд чу даррандагон,
Ҳар ки худаш лона бино мекунад
Не ба касе аҳди вафо мекунад.
Монд аз он давра нишони аҷиб,
Аз паи рӯзӣ шуда ҳар ҷо ғариб.
Каҷҷии он панҷаю минқорашон,
Тоҷи ба хун ғарқа, пару болашон,
Хотира аз лаҳзаи иғвогарист,
Оқибати макру риёпаварист!
Ҳар ки аз ин дом саломат бираст,
Панҷаи иғвогару иғво шикаст!

*соли 1968*

## КИТОБИ «АЛИФБО»

Рӯзи якуми хониш
Меҳрнисову Ромиш,
Китоби худ кушоданд,
Болои миз ниҳоданд.
Паҳлуи ҳам нишастанд,
Бисёр шод гаштанд.
Гуфто муаллими мо:
– Нури чашмам, баччаҳо,
Аз ҳарфу расми зебо
Сар мешавад Алифбо!
Аз ин китоби хоно,
Аз муаллими доно,
Ҳарфи бисёр омӯхтем,
Асрори кор омӯхтем.
Чистону таронаҳо,
Гулчини афсонаҳо.
Аз номи ҳамаи мо,
Раҳмат ба ту, Алифбо!

## РАҲМОНДАИ БАҲОРОН

Ду қатра борон омад,
Аз абри поён омад.
– Абрак, абрак, чӣ борӣ?
Фасли тобистон омад!

Гуфто: «– Ман абри борон,
Раҳмондаи баҳорон.
Навбат ба ман наёмад,
Борам ба киштзорон».

Бобои Деҳқон омад,
Аз дашти тафсон омад.
Гуфто: «– Абрак, борон деҳ»,
Ашкам чу марҷон омад.

Ду қатра ашки ман рехт,
Дар кӯҳу дар даман рехт,
Дар кишту дар чаман рехт,
Дар домани Ватан рехт.

Ман абри нарми борон,
Раҳмондаи баҳорон…

## БОБОИ БАРФИИ МО

Аз деҳаи Себзор,
Як пиракӣ харсавор,
Аз роҳи борик омад,
Дар шаби торик омад.
Бар шаҳр чун даромад,
Аз хари худ фаромад.
Қад-қади раҳ чароғак
Дар бигирифт қаторак.
Зери чароғи тобон
Чеҳраи ӯ намоён.
Ҳар тори ришу абрӯ,
Мӯйҳои ду бари рӯ,
Ҳамранги шир метофт,
Бисёр пир метофт.
Ӯро дида тифлакон,
Омада шодикунон,
Чун ғунчаҳо шукуфтанд,
Қарсак заданду гуфтанд:
– Бобои Барфӣ омад,
Хонаи Сайфӣ омад.

## АЛЛА

Нимашаби баҳор аст,
Шар-шари ҷӯйбор аст,
Дар сари кӯҳ ситора
Монанди ту бедор аст.

Алла, алла, ширинам,
Оҳуяки зарринам,
Ҳаргиз, азизаки ман!
Дарди сарат набинам!

Ҷону ҷаҳони модар,
Ному нишони модар.
Дармону қуввати дил,
Ширинзабони модар!

Калон шаву доно шав,
Нури чашми бино шав.
Мисли бобоҳои худ,
Рӯдакиву Сино шав.

Абри сафеди ларзон
Раҳи ба раҳ гурезон,
Овард боди саҳро,
Нармиву бӯи борон.

Алла, алла, ширинам,
Оҳуяки зарринам,
Ҳаргиз, азизаки ман,
Дарди сарат набинам!

## ҚОДИРЧА ВА САГЧА

Қодирча таги бор аст,
Ӯ дар раҳи бозор аст,
Аз сагчаи ҳамсоя
Дилмондаву безор аст.

Ҳар субҳдам ӯ ночор
Хезад, ки равад бозор.
Ав-ав кунад дар роҳаш
Ин сагчаи дилозор.

Ин сагча чӣ медонад?
Ноаҳлаки бегона.
Қодирчаи коромад
Рӯзибараки хона.

Ав-ав кунад ин сагча
Дар ҳавлию дар кӯча.
Дар тарсу ҳарос аз вай
Як мурғаку се чӯҷа.

Қодирча таги бор аст,
Вай дар раҳи бозор аст,
Чашми падари бемор
Бар омаданаш чор аст.

Ин сагча чӣ медона?
Як ав-авии хона!

## ДАНДОНАКИ МАРВОРИД

Ман дарди дандон шудам,
Гирёну нолон шудам.
Дандонакам варам кард,
Виж-вижи виж сарам кард.
Табиби андешаманд,
Дандони курсиам канд.
– Шириниро камтар хӯр!
Бигуфто бо дили пур.
Очаҷони ширинам,
Қанду асал баринам,
Шодона хомӯш омад,
То хонаи мӯш омад:
– Эй мушаки савобгир,
Гуфто, – ҷавонӣ ё пир?!
Бидеҳ барои Ҷовид,
Дандонаки марворид!
Дандони сози бедард,
Натарсад аз гарму сард!
Субҳи дигар модарам,
Гуфто хандон: – Писарам,
Бархез, ки саҳар шуд!
Дандонакат дигар шуд.

## МУШАКИ ЗИРАК

Рӯз аз пайи шом омад,
Гурба лаби бом омад.
Як мушаки саргардон,
Наздикии дом омад.

Мушак, ки баҳушак буд,
Зирак ба ду гӯшак буд.
Чашми ҳаваси гурба
Бар хӯрдани мушак буд.

Мушак, ки раҳе мекофт,
Бар ҳилагарӣ биштофт.
Дар рахнаи як девор
Бигрехт, раҳоӣ ёфт! ...

Гурба паси айвон монд,
Лаб лесида ҳайрон монд.

## КАДХУДОИ ХОНА

Ба пеши айвони мо
Додои деҳқони мо
Ду халтаи хок овард,
Хоки таги ток овард.
Биёвард ӯ аз бозор
Ниҳолаки помидор,
Тухми гашничу пиёз
Аз бобои Маниёз.
Айвона пури хок кард,
Роҳрава рӯфта пок кард.
Ҷӯйчаҳоро қатор кард,
Айвона навбаҳор кард.
Бар ҷӯякон об омад,
Гармии офтоб омад.
Ниҳолакон сабзиданд,
Сабзида қад кашиданд.
Додому очам аз кор,
Оянд агар бемадор,
Чинам кабутӣ бисёр,
Занҷабилу помидор.
Нугул кунам хӯрданбоб,
Як табақча шакароб.
Очам аз корам розӣ,
Гӯяд бо сарфарозӣ:
– Ҳастӣ азизи оча,
Мағзу мавизи оча.
Гулдухтари ягона,
Ту кадхудои хона.

## ҲОДИИ БОДӢ

Дар синфи мост Ҳодӣ,
Қоқи дарози бодӣ,
Дарс агар набошад,
«Ҷон» – мегӯяд аз шодӣ.

На китобе мехонад,
На дарсро медонад,
Дар ҳар ду сол ӯ як бор
Дар синфи худ мемонад.

Кори вай буҷулбозӣ,
Нағмаю кӯчатозӣ,
Дар рӯи ҳавлии мо
Ҳама аз вай норозӣ.

Хурду калон ба Ҳодӣ,
Қоқи дарози бодӣ,
Гӯянд:– Эй ту, нодон,
Аз «1»-у «2», чӣ шодӣ?!

## АСПИ САМАНД

Сафо аспашро зин зад,
Ноҷоя як қамчин зад.
Ду чашми асп ало шуд.
Дар назарам бало шуд.
Шиҳаи мастона кард,
Ҳамаро девона кард.
Ногаҳ зи ҷояш ҷаҳид,
Дар гирди ҳавлӣ давид.
Мо ҳама ҳайрон шудем,
Бесару сомон шудем.
Яке бобом пайдо шуд,
Аспро диду шайдо шуд.
Гуфто: – Биё, эй саманд,
Почадарози даванд.
Ором шав, ту ҷонвар,
Аспи базеби шаҳпар.
Наъл занам суматро,
Шона занам думатро.
Зину лаҷомат кунам,
Қобилу ромат кунам!..
Асп моили чаро шуд,
Орому гапдаро шуд.

## ХОЛАИ ЗАРКОКУЛАМ

Қад-қади дарё биравам,
Деҳаи Боло биравам,
Холам арӯс мешавад,
Тӯю тамошо биравам.
*Бозгӯй:* Холаи заркокулакам,
Байту таронагӯякам,
Садқаи меҳрубониат,
Холаи моҳрӯякам!

Домода хушрӯзиша бин,
Толеъа фирӯзиша бин,
Шишта бари холаи ман
Шодию дилсӯзиша бин.
Туй муборак ба шумо!
Шодӣ қаторак ба шумо!
Файзу муҳаббат оварад
Деҳи Ҳисорак ба шумо!

Хезам агар вақти саҳар,
Ду дидаам ба сӯйи дар:
Бе ту чӣ мешавад дигар
Ҳоли мани муштаки пар?
*Бозгӯй:* Холаи заркокулакам,
Байту таронагӯякам,
Садқаи меҳрубониат,
Холаи моҳрӯякам!

## ДАР ДОМАНИ ШАБ

Имшаб шаби маҳтоб аст,
Мурғобича дар об аст.
Як қуи дарозгардан,
Дар паҳлӯи вай хоб аст.

Имшаб шаби ором аст,
Зардолуи мо хом аст.
Нуронии хомакхӯр,
Дар шохи лаби бом аст.

Имшаб шаби борон аст,
Вақти гули торон аст.
Аз ғурриши ин тундар,
Оростача ҳайрон аст.

Имшаб шаби наврӯзӣ,
Дар субҳи дилафрӯзӣ,
Наврӯзӣ равад Сарвин
Бо куртаи гулдӯзӣ.

## МУНДАРИҶА

### Боби I.

**Гузориш ва андешаю мулоҳизаҳо аз намунаҳои мақолаҳои чанде аз адибони шинохта, дар атрофи манзума ва шеърҳои дирӯзи овони ҷавонӣ ва ҳам имрӯзи Меҳмон Бахтӣ**.. 3

Тоҷик ........................................................ 26
Ватандор ........................................................ 27
Забони модарӣ ........................................................ 28
Эй Хуросон ........................................................ 32
Ғазали сулҳ ........................................................ 33
Ғазали ваҳдат ........................................................ 34
Боз о, боз о! ........................................................ 35
Дареғо ........................................................ 37
Болост ҷои Лоиқ ........................................................ 39
Камароб ........................................................ 40
Деҳаи ман ........................................................ 41
Эй ҳамнафасон! ........................................................ 43
Мурғи саҳар ........................................................ 44
Моҷарои мову ман ........................................................ 46
Дуруд ба Эрон ........................................................ 47
Самарқанд ........................................................ 48

Ман Хуҷандам ........................................ 49
Кишвари озодагон ................................ 50
Ҷилваи баҳор ........................................ 51
Ифтихори тоҷик .................................... 52
Шарафи хидмат ..................................... 53
Ба деҳқон .............................................. 54
Қадаҳ..................................................... 55
Поси хотир............................................. 56
Озодагони Рашт .................................... 57
Ёд бод .................................................... 58
Хушнози Самарқанд ............................. 59
Кӯлоб .................................................... 60
Аз паи дил............................................. 61
Даври лабони нозук .............................. 62
Ҷононаи мо ........................................... 63
Меҳмони Тоҷикобод .............................. 64
Эй, ки огоҳӣ.......................................... 65
Ҳайфи он дил......................................... 66
Оҳи ҷигарсӯз ........................................ 67
Мо зодаи Наврӯзем ............................... 68
Себаки хушбӯй ...................................... 69
Нуробод ................................................ 70
Эй аспи бодпо....................................... 71
Суруди Парастувора ............................. 72
Кӯза ба об мезад ................................... 73

Олиҳаи ноз ........................................ 74
Ҷонам, Ватанам .................................. 75
Дар зери дарахти себ........................... 76
Тӯёна .................................................. 77
Таронаи Наврӯз .................................. 78
Наргис ................................................ 79
Хаёли ширин ....................................... 80
Мавҷигул ............................................ 81
Ромишгари пир.................................... 82
Оё нагуфта будам? .............................. 84
Шиква ................................................. 86
Дили сабзи ошиқ .................................. 87
Само абр асту боронӣ .......................... 88
Суруди ронанда.................................... 89
Ҷавонӣ................................................. 90
Офарин бар заковати инсон................ 91
Ёди он рӯз............................................ 92
Боди сабо ............................................ 93
Абри гузар .......................................... 94
Рози пинҳон......................................... 95
Тӯй муборак ........................................ 96
Нигоҳи дилситон.................................. 97
Сукути корзор ..................................... 98
Хотираи нангин.................................... 99
Гуфтори парешон............................... 101

Меҳмони даргоҳи ту ........................................ 102
Ҳайфи ҷавонии мо! .......................................... 103
Хуш бош!............................................................ 105
Эй ишқи руҳафзо.............................................. 106
Меҳрномаи Душанбе ........................................ 107
Мусулмоно! ..................................................... 108
Дидори Бухоро ................................................. 108
Барои устод Боқӣ Раҳимзода.......................... 109
Барои устод Тоҳир Собиров ........................... 109
Кист он мард? ................................................... 110
Ёдвора................................................................ 111
Эҳдо ................................................................... 111

**Боби II.**
**Дар пайроҳаи пайравӣ**

Фарзанди замин................................................ 113
Қисмати рӯз....................................................... 115
Исёни шеър........................................................ 116
Бозтоби офтоб .................................................. 120

**Боби III.**
**Чаманистони хаёли кӯдакон ва наврасон**

Гулшани хазонрасида ........................................ 141
Китоби «Алифбо» ............................................. 147
Раҳмондаи баҳорон ......................................... 148

Бобои барфии мо ........................................ 149
Алла .......................................................... 150
Қодирча ва сагча ........................................ 151
Дандонаки марворид.................................. 152
Мушаки зирак............................................. 153
Кадхудои хона ............................................ 154
Ҳодии бодӣ.................................................. 155
Аспи саманд ............................................... 156
Холаи заркокулам ....................................... 157
Дар домани шаб ......................................... 158

**Меҳмон Бахтӣ**

**БОЗТОБИ ОФТОБ**

*(Нигоштаҳо, таронаҳо)*

Муҳаррир: *Аҳмадҷони Раҳматзод*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири техникӣ *Мубинҷон*

Ба чопаш 12.10.2018 имзо карда шуд
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Супориши №63.
Коғази сафед. Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/32.
Хшч. 11,5. Теъдод 200. Нархаш озод.

* * *

Матбааи нашриёти СИ Файзибоев М.М. «Меъроҷ»
735700 ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1[а]

E-mail: sham-1982@mail.ru
www.meroj.tj